**ТИЛЛОИ ТОҶИКИСТОН АЗ БОЗИҲОИ ОСИЁ-2022** с.15

**ЧАРО ДАР ТОҶИКИСТОН ОМӮЗГОР РӮЗ НАДОРАД?** с.6

**НБО “РОҒУН”. 35 МИЛЛИАРД ДАР 15 СОЛ** с.8


# ТОҶИКИСТОН

№40 (1551)
04.10.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~




# ПРОТОКОЛИ №44

## МУШКИЛОТИ МАРЗИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОНРО ҲАЛ МЕКУНАД?



**ДАР ИН ШУМОРА:**

**ГЕНЕРАЛ МАМАДРИЗОБЕКОВ**
Аз аскари қаторӣ то ҷонишини вазири амният
с.9

**ДУШАНБЕ ИНВЕСТ – 2023**
Чӣ диданду чӣ шуниданд?
с.5

**ДАЪВАТИ ТИРАМОҲӢ**
Дар куҷо нақшаи даъват иҷро шуд?
с.2

**ДУНЁИ КАРТОШКА**
Оё Куҳистони Мастчоҳ кишварро наҷот медиҳад?
с.7

**МУАММОИ ИМЛО**
Ё вақте “Қоидаҳо...” ғалатанд
с.4

**ФИРЕБИ ҲАМВАТАН**
Боздошти “мафиози тоҷик” дар Русия
с.10

**ИНСУЛТ**
3 роҳи расонидани ёрии аввалин
с. 12




ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

## ОМӮЗГОРИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН МУАЙЯН ШУД

**Абдуқаҳҳори Сулаймон, омӯзгори фанни физика ва астрономияи мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳри Кӯлоб "Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2023" эълон шуд. Ҷоизаи мазкур ба ғолиби озмун дар Рӯзи омӯзгорон тақдим гардид.**

Озмуни ҷумҳуриявии "Омӯзгори соли Тоҷикистон-2023" рӯзҳои 28-30-юми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе доир шуд ва дар он 5 омӯзгор аз минтақаҳои кишвар барои ғолибият рақобат карданд. Пас аз хулосаи ҳакамон, Абдуқаҳҳори Сулаймон, омӯзгори фанни физика ва астрономия аз шаҳри Кӯлоб ғолиби ин озмун интихоб шудааст.

"Ман дар ҳама ҷо аз ин касбу аз ихтисосам ҳарф мезадаму ифтихор мекардам ва то ҳол ҳам чунин аст. Ҷомеа ва ба вижа хонанда дар чеҳраи омӯзгор бояд шахси босавод, хушмуомила ва хушахлоқро дида тавонад, то мояи ибрат гардад",- таъкид мекунад Абдуқаҳҳори Сулаймон.

## ОҒОХОН ЁДГОРИҲОИ БУХОРОВУ САМАРҚАНДРО БАРҚАРОР МЕКУНАД

**Фонди Оғохон ёдгориҳои асосии меъмории шаҳрҳои Бухоро ва Самарқандро барқарор мекунад.**

Ба иттилои ёвари Президенти Ӯзбекистон Саида Мирзиёева, ин масъала дар мулоқот бо роҳбарони Бунёди Оқохон дар бахши фарҳанг баррасӣ гардидааст.

"Бо дарназардошти тачрибаи муваффақи созмон дар ҳифзи мероси фарҳангӣ, ҷалби ин созмон ба барқарорсозии ду ёдгории муҳим - масҷиди Бибихоним дар Самарқанд ва Манораи Калон дар Бухоро дар назар аст",- изҳор доштааст Саида Мирзиёева.

Таъкид мегардад, ки ин ду ёдгории таърихӣ барои миллат ва тамоми ҷаҳон аҳамияти бузург дошта, он бояд ҳифз ва дар ҳолати хуб барои наслҳои оянда боқӣ гузошта шавад.

## ҚОНУНШИКАНӢ ДАР "ЯККАСАРОЙ"

**Дар тарабхонаи "Якксарой"-и шаҳри Хуҷанд ҳолатҳои зиёди вайрон кардани талаботи қонун ошкор гардид.**

Бино ба маълумотҳо, зимни баргузории санҷишҳо директори тарабхонаи мазкур дар чанд ҳолат тӯйи шаҳрвандонро дар тарабхона бидуни бастани шартномаи хизматрасонӣ гузаронидааст, ки ин кори ӯ хилофи қонуни танзим аст.

Ҳолати баргузор шудани маросими арӯсӣ дар вақти корӣ баргузор шудааст. Зимнан, қонуншикании чанд сароянда ва баранда ошкор шудааст, ки онҳо низ бидуни бастани шартномаи хизматрасонӣ ҷашни арӯсиро обод кардаанд.

Илова бар ин, дар тарабхонаи мазкур як сокини маҳаллӣ аснои баргузор кардани маъракаи домодталбон 72 меҳмон даъват карда, се намуд хӯрок зиёфат додааст. Ин чорабиниро маъмури тарабхонаи "Якқасарой" бидуни шартномаи хизматрасонӣ баргузор кардааст.

Дар ҳамин ҳол, прокуратура хабар дод, ки нисбати директор, маъмури тарабхона, сароянда, баранда ва сокини маҳаллӣ бо моддаи 481 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Дар асоси ин модда, директори тарабхона ба супурдани 81600 сомонӣ, маъмури тарабхона - 44200 сомонӣ, баранда ва сароянда ҳар кадоме 51000 сомонӣ ҷарима шудаанд.



## ДАР КУҶО НАҚШАИ ДАЪВАТИ НАВАСКАРОН ДАР 1 РӮЗ ИҶРО ШУД?

**Вилояти Бадхшон, шаҳри Исфара, манотиқи Рашту ноҳияи Фарҳор дар як рӯз нақшаи даъвати наваскарон ба қисмҳои ҳарбиро иҷро карда, чорабинии тантанавӣ оростанд. Ҳатто дар Исфара нақша барзиёд иҷро шудааст.**

Раиси шаҳри Исфара Баҳовиддин Баҳодурзода зимни суханронӣ таъкид кард, ҷавонон дарк намудаанд, ки Ворух дар хати марз қарор дорад ва ҳимояи марзу бум аз онҳо ҳисси баланди масъулиятшиносиро талаб мекунад.

Дар рӯзи сеюми маъракаи даъват ба сафи артиш шаҳри Ваҳдат ва ноҳияҳои Ёвону Данғара низ аз иҷрои нақшаи даъват хабар доданд.

Ёдовар мешавем, ки 1-уми октябри соли ҷорӣ даъвати тирамоҳии наваскарон ба сафи Қуввахои Мусаллахи Тоҷикистон оғоз гардида, то охири моҳи ноябр давом хоҳад кард. Дар ин маъракаи тирамоҳӣ ҷавонони соли таваллудашон 1996-2005 ба хизмати ҳарбӣ ҷалб мешаванд.

Барои назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонун дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ роҳбарони масъули сохторҳои ҳарбӣ ва комиссияҳои даъват муваззаф гардидаанд.

## САРИ САБЗ



**Алишер ҶУМЪАЕВ,**
**рассом, наққош**
**ва ҳайкалтарош**

**- Ҳар минтақа саллаву тоқиҳои зебои ба худ хос дошт. Дар баробари он ки занҳои мо дорои зару зевар буданд, мардҳо низ бозубанду ангуштарӣ ва маснуоти зиёди заргарӣ доштаанд, ки нишони қуввату қудрати онҳо буд.**

*- Мабодо шумо хоҳиши баргаштан ба ҳамон солҳоро надошта бошед, ҷаноб!? Охир, ҳоло замонаро давраи илму технология мегӯянд-ку! Ҷавононро дар ин руҳия тарбия кардан беҳтар нест?*



**Моҳрухсор САФИЕВА,**
**Ҳунарпешаи халқии**
**Тоҷикистон**

**- Бо дидани баъзе унвондороне, ки баъди ту рӯи саҳна омадаанду бо сохтакориҳо ба чизе расидаанд, як зарра нороҳатӣ пайдо мешавад. Аммо бо вуҷуди ин дар ин бора зиёд фикр намекардам.**

*- Камтар иғроқ шуд, андаке воҳима кардед, муаллима. Агар аз сохтакориҳои он "баъзе" унвондорҳо зиёд фикр намекардед, ягон зарра нороҳатӣ пайдо намешуд...*



**Абдуқаҳҳори**
**СУЛАЙМОН,**
**омӯзгори фанни физика**

**- Ҳар нафаре, ки ба касби омӯзгорӣ шавқу рағбат дорад ва онро сидқан дӯст медораду барои такмили донишу маҳораташ ҳамеша пайи омӯзиш ҳаст, аз касбаш ифтихор мекунад ва аз ин касб соҳиби иззату обрӯ мегардад.**

*- Сад фоиз дуруст! Омӯзиши пайваста ва такмил додани донишу маҳорат дар ҳама марҳилаҳо сутуда мешавад. Аммо, агар шогирдон ҳурмати омӯзгорро ба ҷой оранд, дучанд ифтихор мекунад.*

**Мулоқоти аввалини раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон 29-уми сентябр дар шаҳри Берлин баргузор шуд. Натиҷаи ин мулоқот эъломияе шуд, ки сарони кишварҳо зераш имзо гузоштанд.**



# ОЛМОН + ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Аз “Долони миёна” то уҳдадории 5 кишвар

### Олмон + Осиёи Марказӣ

Дар эъломияе, ки зери он нахуствазири Олмон Олаф Шолтс ва президентони Қазоқистон Қосимҷомарт Тоқаев, Қирғизистон - Содир Ҷабборов (Жапаров), Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон, Ӯзбекистон - Шавкат Мирзиёев ва раҳбари парлумони Туркманистон Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов имзо карданд, ба “аҳамияти ҳамкориҳои минбаъда дар самти тақвияти қонун, демократия, мудирияти хуб, баробарии ҷинсиятӣ, ҳуқуқҳои универсалӣ ва озодиҳои бунёдӣ дар доираи стратегияи Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ аз соли 2019” таъкид шудааст.

Вале нуктаи муҳимми ин протокол уҳдадории панҷ кишвар ба роҳ надодани фирори Русия аз таҳримҳо мебошад.

Дар матни эъломия омадааст: “Раҳбарон бори дигар уҳдадор шуданд, ки ба хотири сулҳу субот, демократия ва ҳукумати қонун ва эҳтиром ба қонунҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ мекунанд”.

“Эҳтиром ба истиқлолият, соҳибихтиёрии давлатӣ ва тамомияти арзии тамоми кишварҳо ва адами истифодаи нерӯ... ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ аз роҳи сулҳомез” аз уҳдадориҳои дигари раҳбарон будааст.

Гарчанде дар матни Эъломия мушаххасан номи Русия наомадааст, вале маълум аст, ки бандҳои санад ба ин кишвар, ки 2 соли охир дар қаламрави Украина амалиёти низомӣ мегузаронад, равона шудааст.

### Аз муҳоҷират то илм

Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Олмон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бахши дигари муҳим аз сафари сарони кишварҳо мебошад.

Бахусус, дар бахши муҳоҷират эҳтимоли ҳам ба Олмон барои кор фиристодани шаҳрвандони Осиёи Марказӣ ва ҳам омода кардани коргарони соҳибихтисос баррасӣ шудааст.

Дар вохӯрии раҳбарон аз ҷумла ба тақвияти ҳамкориҳои минтақа бо Олмон дар рушди энергияи сабз, соҳибкории хусусӣ, фароҳам кардани шароити кору даромади расмӣ ё муҳоҷирати корӣ таъкиди чудогона шудааст.

Яке аз мувофиқаҳое, ки дар ин ҷаласа ба даст омадааст, кор дар самти тақвияти роҳҳои иртиботии миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, тавассути тарҳи “Долони миёна” мебошад. Ҳадафи ин тарҳ эҷоди роҳҳои иртиботу нақлиёт ва боркашонӣ ба хотири тавсеаи имкониятҳои рушди иқтисодӣ гуфта мешавад. Барои кор дар ин тарҳ қарор аст бо ёрии ташкилоти молии байналилалии мисли Бонки аврупоии тачдид ва рушд роҳҳои ҷалби сармояву маблағгузорӣ андешида шавад.

Яке аз дигар масоиле, ки раҳбарони Осиёи Марказӣ ва Олмон мувофиқа ба даст оварданд, ин зарурати ташвиқу рушди ҳамкориҳои миёни созмонҳои таҳлилӣ ва ҷомеаи маданӣ, ҳамкориҳо дар бахши маориф ва таҳқиқот мебошад. Аз ҷумла, таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои маърифатии минтақа идома хоҳад ёфт.



# ПРОТОКОЛИ №44

## Мушкили марзи Тоҷикистону Қирғизистон ҳал шуд?

**2-юми октябри соли 2023 дар шаҳри Бодканди Қирғизистон вохӯрии навбатии Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон баргузор гардид.**



Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад.

Дар ин мулоқот ҳайати Тоҷикистонро Саймумин Ятимов, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва ҳайати Қирғизистонро Қамчибек Ташиев, муовини раиси Девони Вазирон - раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ роҳбарӣ намуда, зимни он масъалаи делимитатсияи сарҳади давлатии ду кишвар баррасӣ гардидааст.

Зикр мешавад, ки роҳбарони ҳайатҳо “бо ҳусни тафоҳуми комил оид ба зарурати фаъол намудани тасвири гузариши хати лоиҳавии сарҳади давлатии Қирғизистону Тоҷикистон дар қитъаҳои боқимонда изҳори назар намуда, ба гурӯҳҳои корӣ дастурҳои дахлдор додаанд”.

Тафсилоти бештар аз ин мулоқот нашр нашудааст ва ҳам гуфта намешавад, ки муҳтавои протоколи имзогардида чӣ аст.

Дар ҳамин ҳол, дар навори аз ин мулоқот нашршуда Саймумин Ятимов, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон зикр мекунад, ки ду тараф протоколи рақами 44-ро имзо карданд.

“Иҷрои ин протокол ҳама гуна масъала, ҳама мушкилоте, ки пештар сабаби низоъ дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон буданд, ҳал мекунад. Бо тамоми масъулият эълон медорам, ки имзо ва иҷрои протокол иродаи раҳбарони ҳар ду ҷумҳурӣ аст”,- зикр мекунад Саймумин Ятимов.



Қамчибек Тошиев, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон низ имзои санадро роҳе барои ҳалли мушкили марзӣ номид.

“Ин протокол асос мешавад, ки ҳама гуна масъалаи марзиро ҳал кунем. Худо хоҳад, ба зудӣ қарори ниҳоиро дар бораи ниҳоӣ кардани таъйини кулли сарҳади давлатӣ қабул мекунем”,- мегӯяд Қамчибек Ташиев.


Мавриди зикр аст, ки мулоқоти мазкур дар пасманзари таниши лафзии ахир миёни ду кишвар, баъди изҳори назари Қамчибек Ташиев, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон, ки гуфт, “ба наздикӣ санадҳои нав пайдо шуданд ва тибқи он муайян шудааст, ки заминҳои зиёди қирғизҳо ба Тоҷикистон гузаштаанд”, ҷараён мегирад.

Ёдовар мешавем, ки масофаи сарҳади байни Тоҷикистон ва Қирғизистон такрибан 970 километрро ташкил медиҳад. Айни замон 519 километр хати сарҳади давлатӣ мушаххасу муайян ва аз ҷониби ҳарду давлат эътироф шудааст. Боқимонда - зиёда аз 400 километри хати сарҳад баҳснок шуморида мешавад. Ин номуайянӣ боиси он шудааст, ки ҳар замон дар сарҳади ду кишвар муноқиша сар мезанад.



# МУАММОИ ИМЛО

## Ё вақте «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ғалат аст...



*Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА, номзади илмҳои филологӣ*

**Ҳар сол дар арафаи Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар муассисаву корхонаҳои кишвар амалан чорабиниҳои мухталифи фарҳангию маърифатӣ ва сиёсиву адабӣ баргузор мегарданд, ки мақсад аз баргузории онҳо арҷ гузоштан ба забони давлатӣ мебошад. Албатта, гиромӣ доштану арҷгузории забон кори хайру нек аст, вале дар амал забондон будан аз он беҳтару хубтар мебошад.**

Имрӯз агар ба сатҳи забондонии мардум назар андозем, мебинем, ки вазъ чандон хуб набуда, сол то сол махлутшавии забон аз ҳисоби забонҳои аҷнабӣ зиёд шуда истодааст. Вақте ба мутолиаи осори гузаштагонамон мепардозем, мебинем, ки эшон забони хешро басо тозаву беолоиш нигаҳ дошта, дар сатҳи баланд медонистаанд ва тамоми талаботи меъёрию таърихии онро низ хуб риоя мекардаанд.

Дар тамоми даврaҳои тараққиёти инсоният фазилат ва дараҷаи фарҳангнокии шахсро аз рӯйи хуб донистани забон, беғалат навиштан ва босаводона сухан гуфтани ӯ муайян мекардаанд.

Имрӯзҳо меъёрҳои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз тарафи баъзе шахрвандони ҷумҳуриамон бинобар сабаби огоҳ набудан аз тарзи дурустнависӣ, якҷоя ё ҷудо навиштани ҳиссаи калимаҳо, бо тире ё нимтире навиштани вожаҳо, тарзи дуруст талаффуз кардан ва ё аз сатр басатргузаронии ҳиссаи калимаҳо риоя намегардад. Доир ба ин мушкилию муаммоҳо аз ҷониби олимони забондон ва донишмандони соҳа дар матбуоти даврӣ матлабҳои ҷолиб ба нашр расида бошанд ҳам, мутаассифона, вазъият то ҳол ҳамон хел идома дорад.

Вақте китобати имрӯзиёнро бо талаботи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (Душанбе, 2021) муқоиса мекунем, дар матни навиштаи баъзеи онҳо имлои носаҳеҳу ғалат ба назар мерасад. Масалан, дар боби дуюми «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар хусуси бо ҳарфи «и»-и ноустувор (и) навиштани калимаҳо чунин зикр гардидааст: «Дар охири ҷонишинҳо меояд: ҳар ки, ҳар чи ва ғайра» (ҳамон ҷо, саҳ. 6). Вале дар мавриди ифодаи овози и-и устувор (ӣ) омадааст, ки «дар ҷонишинҳои саволии кӣ? ва чӣ?; кӣ омад?, чӣ шуд? ва ғайра» овози и-и устувор, яъне ҳарфи «ӣ» навишта мешавад» (ҳамон ҷо, саҳ. 7). Мардум, чун одат, аз рӯйи қоидаҳои пештара ҷонишинҳои ҳар ки, ҳар чиро, ки ифодагари шахс мебошанд, бо ҳарфи и-и устувор, яъне бо ҳарфи ӣ мехонанду менависанд.




Носаҳеҳии дигари «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар навишти овозҳои ноустувори у, устувори у, устувори дарози ӯ низ дар миёни мардум мушкилӣ эҷод намудааст. Дар «Қоидаҳо...» омадааст, ки «дар калимаҳои иқтибосии арабӣ: таваҷҷуҳ, таҷаммуъ, таматтуъ, тарашшуъ, тазарруъ, таваққуъ, табарруъ, муҳтарам, муҳлат, шуъба, шуъла, муъмин, суҳбат, уҳда ва ғайра» (ҳамон ҷо, саҳ.5-6) ҳарфи у навишта мешавад.

Аз гуфтаи боло бармеояд, ки «Қоида...» талаб мекунад, ки калимаҳои арабии дар таркибашон ҳарфи вовдошта ҳам бояд бо ҳарфи «у»-и ноустувор (яъне у-и кӯтоҳ) навишта шаванд, вале калимаҳои арабие ҳастанд, ки таърихан дар таркибашон ҳарфи «вов»-и маъруф доранд ва ҳамчун «у»-и устувори дароз талаффуз мешаванд. Масалан, калимаҳои мӯъмин, рӯҳ, маҷрӯҳ, ӯвло, мӯъзӣ ва ғайраро, ки дар таркибашон ҳарфи вови маъруф доранд, имрӯз ҳайронем, ки бо кадом ҳарфи вов (у ё ӯ) нависем?!

Имрӯзҳо аксар омӯзгорону қаламкашон аз ҳарфи ӯ қариб ки парҳез карда, дар аксар мавридҳо онро истифода намекунанд. Ин амали онҳо мақоли халқии ба хотири як кайк пӯстин оташ заданро пеши назар меорад. Мураттибони «Қоидаҳои имло...» аз калимаҳои арабӣ ҳарфи ӯ-ро ҳазф кардаанд, пас таваҷҷуҳ намоед, ки оё ҳиссаи (рӯҳи) калимаҳои гурӯҳ, маҷрӯҳ, рӯҳ як хел талаффуз намешаванд? Модоме ки онҳо як хел талаффуз шудаву оҳангнокиашон низ мусовист, пас ин қабил калимаҳо бояд бо ҳарфи ӯ-и устувори дароз, яъне дар шакли маҷрӯҳ ва рӯҳ навишта шаванд.

Инро набояд фаромӯш кард, ки адибони гузаштаи тоҷику форс калимаҳои дар таркибашон ҳарфи вови маъруфу маҷҳулдоштаро ба ҳайси қофия (гесу, ҷоду, абру, ҳинду, маҳрӯ, оҳу, бозу) ва радифи шеър низ истифода мекарданд.

Дар хазинаи луғавии забони тоҷикӣ калимаҳое ҳастанд, ки шад, оё дар навишт бо ҳиссаи аввали таркибҳои абру борон, абру бод як хел навишта намешавад? Ё вожаи ору (занбӯри асал)-ро гирем, ки бо ҳиссаи аввали таркибҳои ору номус, ору нанг як хел навишта намешавад? Хонанда ҳангоми мутолиаи китоб фарқияти онҳоро танҳо аз рӯи мантиқ дарк мекунад, вале дар имло онҳо аз ҳамдигар фарқ намекунанд.

Ҳамчунин дар навишти калимаҳои дур (гавҳар) ва дур (масофа), мардум ба фаркияти онҳо сарфаҳм намеравад. Мутаассифона, ин талаботро ҳам мураттибони «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ба назар нагирифтаанд.

Носаҳеҳии дигари «Қоида...» ҳангоми навиштани ҳарфи ъ (ъайн) низ ба мушоҳида мерасад, ки дар он омадааст: «Дар байни ду садонок, ба истиснои калимаҳои фаъол, таъин навишта намешавад» (ҳамон ҷо, саҳ. 10).

Суоле бармеояд, ки чаро дар миёни садонокҳои ду калима (фаъол ва таъин) навиштани ҳарфи (ъ) ъайн раво будаасту дар дигар калимаҳо овардани он мамнуъ?

Дар бисёр ҳолатҳо мардум талаботи боби 5-уми «Қоида...»-ро риоя накарда, исмҳои мураккаби бо воситаи миёнвандҳои -у- ва -о- сохташударо ба назар нагирифта, ҷузъҳои калимаҳои «гуфтушунид», «рафтуомад», «сарулибос», «сарупо», «сарутан», «сарукор» ва ғайраро аз ҳам ҷудо-ҷудо менависанд, ки нодуруст аст.

Бисёр вақт мардум исмҳои таркибии модар-ватанро бе ягон зарурат бо ҳарфҳои калон менависанд, ҳол он ки ин калимаҳо дар банди 17-и «Қоидаҳо...» бо ҳарфи хурд оварда шудаанд.

Аксар вақт мардум ҳангоми суханроniҳои хеш калимаҳои «зебоӣ», «доноӣ» ва «миннатдорӣ»-ро дар шакли «зебогӣ», «доногӣ» ва «миннатдоргӣ» мегӯянду менависанд, ки бисёр зишт менамояд.

Ҳамчунин калимаи «муҳим»-ро дар ҳолати калимасозӣ бо як ҳарфи «м» менависанд, ки хилофи қоидаҳои имлост.

Аз ноогоҳии шахрвандон имрӯзҳо дар ҷумҳуриамон як падидаи нораво роиҷ шудааст, ки ба овезаҳои ошхонаҳои хурду бузурги хеш таркиби «ошхонаи миллӣ»-ро насб кардаанд. Ҳол он ки, ин таркиб хосси муассисаҳои бузургу машҳур ва ягонаи ҷумҳуриявӣ мебошад. Чунончи, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дави миллӣ ва ғайраро бо унвони миллӣ ном мебаранд. Масъулини соҳаро зарур аст, ки ба чунин ҳарчу марҷҳо таъсир расонанд, то ҳар кас пояшро ба андозаи кӯрпааш дароз намояд.

Имрӯзҳо мардум аз рӯи одати пешина баъзе бандҳои баҳсталаби «Қоидаҳо...»-ро аз ноогоҳӣ ва ё огоҳона риоя намекунанд. Масалан, дар боби «Имлои исм», банди 23 бо ҳарфи калон навишта шудани исмҳо чунин омадааст: «Ҳарфи аввали исмҳои хоси... ҷирмҳои кайҳонӣ (номи... сайёра) Офтоб, Моҳ, Замин, Зуҳра, Зуҳал ва ғайра» (ҳамон ҷо, саҳ. 19-20) калон навишта мешаванд. Ҳатто худи мураттибони «Қоидаҳо...» низ ба гуфтаҳои хеш амал накарда, дар чанд маврид дар матни «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» калимаҳои «Қамар» ва «Замин»-ро, ки исми ҷирмҳои кайҳонианд, бо ҳарфи хурд овардаанд. Масалан, дар банди 11-уми боби 4-уми «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ҳангоми мисоловарӣ дар фасли «Аломати вергул» матнеро бидуни зикри муаллиф овардаанд, ки дар он калимаи хосси ҷирми кайҳонии Қамар бо ҳарфи хурд навишта шудааст: «Бар қуббаи заррини қамар оҳиста-оҳиста сояи сиёҳ хазидан гирифт, то он ки се ҳиссаи онро тамоман пахш кард» (ҳамон ҷо, саҳ. 51).

Ё худ дар боби 5-уми «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» зимни ба фасли «Аломати нуқтавергул» овардани мисол матнеро аз китоби устод Садриддин Айнӣ намуна овардаанд, ки дар он калимаи «Замин» бо ҳарфи хурд омадааст: «Падар, то вақте ки чашмаш кор мекард, ба болои чархи осиё кор кард, аммо он рӯз аз ҳаррӯза барвақттар рӯз торик шуд; бод шиддат карда, аз ҳавои гарду ғуборолуд регборон сар шуд; рег монанди борон борида, дар андак фурсат рӯйи заминро регфарш кард...» (ҳамон ҷо, саҳ. 54). Дар фасли 3 «Имлои ҳамсадоҳо» дар банди 11 зимни баёни дар байни ду садонок наомадани ҳарфи ъ калимаи Офтоб бо ҳарфи хурд нигошта шудааст.

Ҳамчунин банди 55-и фасли «Имлои нидо» чунин омадааст: «Нидоҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: сад дареғ, сад афсус, бисёр афсус, сад ҳайф, во дареғо, ҳай дареғ, э вой ва ғайра» (ҳамон ҷо, саҳ. 37).

**(Давомаш дар саҳ.7)**

**ДАР ОМАДИ ГАП:**

### ЧАРО ҶАМШЕД АБДУЛЛО МЕШАВАД?

- Баъзе шахсон, ҳатто амалдорон тағо давонда, мехоҳанд аз Кумитаи забон ва истилоҳот иҷозаи номҳои дағали арабӣ гиранд,- гуфт як масъули кумита.

Шарҳи ин номҳо:

Осия - нофармон, осӣ саркаш, кофир;

Соира ё Соҳира - ҷодугар;

Абубакр - падари шутурбараҳна;

Судайс - шашак, фарзанди 6-ум;

Роҳила - саворӣ, мисли аспу шутуру хару мошин...

Баъзе нохалафони арабзада Ҷамшедро ба номи арабии пешазисломии Абдулло (бандаи илоҳ ишора ба бутҳо) иваз мекунанд, ки ин камоли нодонист.

Айб нест? Миллати ориёӣ бо тамаддуни 6-ҳазорсола, номҳои тоҷикона монед, охир!

**Саъдӣ МАҲДӢ,**
**забоншинос**

▸▸ *Ҳамоиш*




# ДУШАНБЕ ИНВЕСТ - 2023

*Чӣ диданду чӣ гуфтанд?*




**Рӯзҳои 29-30-юми сентябр дар пойтахт форуми байналмилалии сармоягузорӣ таҳти унвони “Душанбе инвест - 2023” дар сатҳи баланд баргузор гардид. Ин форум сармоягузорони як қатор давлатҳо ва намояндагони калидии вазорату идораҳо ва дипломатҳоро ба ҳам овард.**

### 150 млрд сомонӣ сармояи хориҷӣ дар 20 сол

Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар форум иштирок карда, изҳор дошт, ки ташаккул додан ва таъмин намудани рушди иқтисоди рақамӣ, иқтисоди сабз, низоми ягонаи нақлиётӣ, рушди долонҳои нақлиётӣ ва истифодаи самараноки иқтидори транзитии кишварҳо барои ҳама ҷонибҳо аҳамияти хоса дорад. «Имрӯз дар Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, вусъат додани имкониятҳои содиротии кишвар, беҳбуд бахшидан ба вазъи бозори меҳнат ислоҳоти иқтисодии муваффақона амалӣ шуда истодааст. Дар бист соли охир ба кишвари мо беш аз 150 млрд сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла ба маблағи умумии 60 млрд сомонӣ сармояи мустақил ҷалб гардидааст»,- иброз дошт номбурда.

Ӯ таъкид намуд, ки дар кишвари мо саноатикунонии босуръат яке аз ҳадафҳои стратегияи миллӣ эълон шудааст. Дар ин самт корҳои назаррас амалӣ гардида, то имрӯз беш аз 3 ҳазор корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки дар натиҷа ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2000-ум 31 баробар афзуд.

### 30 лоиҳаи Русия дар Тоҷикистон

Сафари муовини сарвазири Русия Марат Хуснулин низ ба Тоҷикистон дар ҳошияи ҳамин форум сурат гирифт. Ӯ бо сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ низ дидору вохӯрӣ дошт.

Марат Хуснулин дар ин форум изҳор дошт, ки ҳамкории мутақобилаи Русия ва Тоҷикистон дар руҳияи шарикии стратегӣ рушд мекунад.

“Имрӯз дар ҷумҳурӣ зиёда аз 30 лоиҳаи муштарак бо маблағи умумии зиёда аз 100 млрд рубл амалӣ мешавад”,- изҳор дошт Хуснулин.

Ба гуфтаи муовини сарвазири Русия, дар гардиши молу маҳсулоти Тоҷикистон Русия зинаи аввалро ишғол намудааст.

“Мо ба тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳо идома медиҳем”,- изҳор дошт ӯ.

Ба таъкиди номбурда, соли гузашта ҳаҷми муомилоти мол байни Русия ва Тоҷикистон 18% - то 1,43 млрд доллар афзуд.

“Мо фаъолона ба Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунем: имрӯз дар ҷумҳурӣ зиёда аз 130 млрд рубл сармоягузории андӯхта мутамарказ шудааст”,- гуфт Хуснулин.

Ҳамчунин, ӯ илова кард, ки Русия ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ бо Тоҷикистон манфиатдор буда, форуми сармоягузорӣ дар муҳити тиҷоратии Русия таваҷҷуҳи зиёд ба бор овард.

Гуфта мешавад, ки ба ҳайати Русия, ки Хуснулинро дар Душанбе ҳамроҳӣ мекард, 150 нафар намояндагони тиҷорат ва мақомоти иҷроияи ҳокимият шомил буданд.

### Намоиши истеҳсоли ватанӣ

Дар доираи форуми байналмилалии "Душанбе инвест - 2023" дар пойтахт намоишгоҳи дастовардҳои миллӣ низ баргузор шуд. Дар ин намоишгоҳ, ки дар бинои "Кохи Истиқлол" идома кард, сармоягузорони хориҷӣ аз ғурфаҳо бо дастовардҳои истеҳсоли Тоҷикистон дар бахшҳои энергетика, металлургия, маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумӣ шинос гардиданд. Илова бар ин, саноати миллии мошинсозӣ ва технологӣ, ки дар якчоягӣ бо шарикони хориҷӣ сохта шудаанд, ба таври хоса ба маърази тамошо гузошта шуданд.

Воқеан ҳам, баргузории чунин ҳамоишҳои сатҳи баланди иқтисодӣ ба рушди иқтисоди кишвар мусоидат мекунад. Зеро сармоягузороне низ дар форум буданд, ки бори аввал ба Тоҷикистон омадаанд ва онҳо ҳавасманди таъсиси корхонаҳои муштарак ҳастанд.


Ширкаткунандагон дар ҷараёни ҳамоиш бо иқтидор ва фазои сармоягузории Тоҷикистон ошно шуданд ва дар бахшҳои мухталиф як қатор созишномаҳоро ба имзо расониданд. Онҳо аз МОИ-и “Данғара” ва НБО-и “Норак” низ дидан намуданд.

**У. РАҲИМЗОДА**

▸▸ *Нишаст*

# ТАҶЛИЛИ 2500-СОЛАГИИ ТАХТИ САНГИН

**Рӯзҳои 5-6-уми октябр дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ бахшида ба 2500-солагии Тахти Сангин баргузор мегардад.**



Дар ин бора ба Pressa tj Насрулло Убайдуллоев, мудири Пажуҳишгоҳи таърих ва бостоншиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон хабар дод.

Тахти Сангин яке аз қадимтарин ёдгориҳои дини зардуштӣ аст, ки дар ин нишаст ҳамчун рамзи омезиши тамаддунҳои Шарқу Ғарб арзёбӣ мешавад.

Гуфта мешавад, ки дар симпозиум олимони 8 мамлакат иштирок мекунанд.

Тахти Сангин яке аз бузургтарин ёдгориҳои дини зардуштист, ки дар соҳили рости рӯдхонаи Вахш, дар омезиши он ба рӯдхонаи Панҷ дар манбаи Амударё дар вилояти Хатлони Тоҷикистон воқеъ аст.

Ин шаҳрак дар наздикии марзи Тоҷикистону Афғонистон ҷойгир буда, дар асри IV пеш аз милод бунёд шудааст.

▸▸ *Маориф*



# МГУ БА 93 НАФАР ДИПЛОМ ДОД

**Дар Душанбе ба хатмкунандагони филиали Донишгоҳи давлатии Маскав, маъруф ба МГУ диплом супурда шуд.**

Ба иттилои сафорати Русия дар Тоҷикистон, дар ин маросим 93 нафар донишҷӯёне, ки таҳсили худро дар бахшҳои муносибатҳои байналмилалӣ, идоракунии давлатӣ, забоншиносӣ, информатика, геология, кимиё ва физика ва ғайра хатм кардаанд, ширкат варзиданд.

Мушовири сафири Русия Вера Хуторская хатмкунандагонро табрик гуфта, аҳамияти таҳсилоти олиро қайд кард.

- Аксари хатмкунандагон аз рӯи ихтисосҳои худ, аз ҷумла чаҳор нафар дар намояндагии “Россотрудничество” дар Тоҷикистон кор мекунанд,- афзуд манбаъ.

Донишгоҳи давлатии Маскав дар Душанбе мутахассисони бахши муносибатҳои байналмилалӣ, идораи давлатӣ, забоншиносӣ, информатика, геология ва кимиёро омода кардааст.

▸▸ *Фарҳанг*

# “КИТОБИ ДУШАНБЕ”

*Нашрони 12 кишвари оламро ба ҳам овард*




**Аз 3 то 5-уми октябри соли ҷорӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон Намоишгоҳи ёздаҳуми байналмилалии ”Китоби Душанбе” баргузор гардид. Дар намоишгоҳ нашрони 12 давлати дунё ширкат карданд.**

“Дар намоиш намояндагон ва меҳмонон аз Русия, Туркия, Ӯзбекистон, Туркманистон, Ҷумҳурии исломии Эрон ва дигар давлатҳои минтақа бо китобҳои тозанашр омадаанд”,- хабар медиҳад Вазорати фарҳанги Тоҷикистон.

Намоишгоҳи байналмилалии “Китоби Душанбе” аз соли 2011 инҷониб баргузор мегардад ва дар он асарҳои садҳо адиб ва шоирони ватанию хориҷӣ ба намоиш гузошта мешавад.

Соли гузашта Намоишгоҳи байналмилалии “Китоби Душанбе” дар саҳни Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баргузор гардид, ки дар он 4 000 номгӯ китоб аз 8 нашрони кишварҳои хориҷӣ ва зиёда аз 30 нашрони дохилӣ ширкат карда буданд.

*Пешниҳод*

# ЧАРО ДАР ТОҶИКИСТОН ОМӮЗГОР РӮЗ НАДОРАД?

**Дар телевизиону радио дар бораи баланд бардоштани мавқеи омӯзгор зиёд мегӯянд, вале дар кишвари мо омӯзгорон иди касбӣ надоранд.**

Рӯзи милиса, кормандони прокуратура, табибон ва ҳатто рӯзи моҳигирону шикорчиён дар тақвими иду ҷашнҳо Рӯзи ид доранд. Вале ҳамчун бозмондаи мероси Шуравӣ якшанбеи аввали моҳи октябрро ҳамчун рӯзи омӯзгор таҷлил мекунем. Суоле ба миён меояд, ки чаро якшанбе? Дар ин рӯз омӯзгорон истироҳат мекунанд. Дар замони шӯравӣ ин сана рӯзи шанбе буд ва чун рамзи эҳтиром ба омӯзгор талабаҳо як рӯз вазифаи омӯзгориро ичро карда, бо барномаи фарҳангӣ хотири омӯзгорро шод мекарданд.


Пешниҳод мекунам, ки масъулини соҳаи маориф ба Ҳукумати кишвар пешниҳод кунанд, ки як рӯзи мушаххасро дар кишвар Рӯзи омӯзгор эълон намоянд.

**Шаҳобиддин ФАЙЗУЛЛОЕВ,**
**собиқадори маориф, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ**

*Тозанашр*

# ТАҲҚИҚИ МУҲАББАТ/LOVE

**Таҳлилу баррасии консепти «муҳаббат» дар асоси маводи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ яке аз масъалаҳои муҳиму мубрами илми забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад, ки солҳои охир таваҷҷуҳ ба он бештар гардидааст.**





Дар ин замина монографияи доктор аз рӯйи ихтисос (PhD), дотсенти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Азиззода Дилрабои Мирзошариф таҳти унвони «Консепти муҳаббат/love» дар тасвири забонии ҷаҳон (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» аз ҷониби муассисаи нашриявии «Ирфон»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чопхонаи «Бебок» ба нашр расид, ки он зери назари доктори илми филология Матробиён С. Қ. омода гардидааст.

Монографияи мазкур аз 3 боб ва зербобҳо иборат буда, дар он масоили марбут ба шарҳи лингвистии «консепт» ва самтҳои омӯзиши он дар забоншиносӣ, омӯзиши консепти «муҳаббат» дар таҳқиқоти муосири илмӣ, тафсири луғавию маъноии консепти «муҳаббат» дар забонҳои муқоисашаванда ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Монография ба донишҷӯён, магистрантону аспирантон, докторантон аз рӯйи ихтисос PhD ва доираи васеи пажуҳишгарону забоншиносон пешниҳод мегардад.

*Нигаронӣ*


# КАТАФАЛК ДАР ХУҶАНД



**Аввалан Худо кунад, ки касеро ба ин мошину соҳибонаш кор наафтад. Чун кулли зоянда миранда гуфтаанд, хоҳу нохоҳ корафтода ба ину мошину дигар намудаш хоҳем шуд.**

Ин аксро аз хиёбони марказии шаҳри Хуҷанд бардоштам. Маълум, ки тиҷорати касе ҳаст. Ошаш шавад! Сохт ва ё дизайни зебо ва худи мошин ҳам ба қавле сабуку паст аст. Метавонад ба сари манзил ҷанозаи маитро беозор расонад. Чаро дар пойтахти кишвар чунин мошинҳоро намебинем? Мо ҳанӯз ҳам аз мошинҳои боқимонда аз замони шуравӣ - Зилу Газ 53-54, баъзан КАМАЗ истифода мекунем, ки мурдаамон ҳам дар азоб ҳасту зиндаамон низ.

**А. РАҲМОНОВ,**
**шаҳри Хуҷанд**



# МУАЛЛИФИ “ТОҶИКИСТОН” 80-СОЛА МЕШАВАД!

**Ҳокими Сафар - журналисти собиқадор ва муаллифи доимии ҳафтаномаи “Тоҷикистон” 6-уми октябри соли равон 80-сола мешавад. Номбурда, гарчанде як умр дар зодгоҳаш - ноҳияи Файзобод муаллимӣ карда бошад ҳам, қариб 60 сол боз бо матбуот ҳамкорӣ дорад.**


Ҳокими Сафар ҳанӯз дар даврони Шуравӣ бо рӯзномаҳои “Пионери Тоҷикистон”, “Комсомоли Тоҷикистон”, “Тоҷикистони шӯравӣ”, “Халқ овози”, “Коммунист Таджикистана” ва “Комсомолская правда” ҳамкорӣ карда, хабару гузориш ва очерку мақолаҳояш нашр шудааст. Ӯ ҳангоми инъикоси мушкилоти ҷойдошта бештар аз забони ҳаҷв кор мегирад, ҳамин аст, ки солиёни зиёд бо маҷаллаи ҳаҷвии “Хорпуштак” низ ҳамкорӣ дорад. Дар замони истиқлол хабару гузориш ва мақолаҳои Ҳокими Сафар дар ҳамаи нашрияҳои даврӣ нашр мешаванд. Ӯ аз замони таъсиси ҳафтаномаи “Тоҷикистон” яке аз муаллифони доимии он мебошад.

Ҳокими Сафар аз соли 1982 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон буда, фаъолияти кориаш бо сипосномаву ифтихорномаҳо қадрдонӣ шудааст.

**Аҳли қалами ҳафтаномаи “Тоҷикистон” хабарнигори ҳамешаҷавон ва пуртакопӯ Ҳокими Сафарро бо мавлудаш табрик намуда, барояш саломатӣ ва саодати рӯзгорро орзу доранд.**

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

*Ҳама чиз дар бораи IT*



*Муаллифи гӯша:*
**Максим ШУМСКИХ,**
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
**Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:**
t.me/matador_it

# СОМОНАҲОИ “МАККОР”

**ҲАР РӮЗ МО БА ДАҲҲО ВА БАЪЗАН САДҲО МАНБАЪҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ВОРИД МЕШАВЕМ. НА ҲАМАИ ОНҲО МЕТАВОНАНД БА МАЪНОИ ВАСЕЪ ВА МАҲДУД БАРОИ МО БЕХАТАР БОШАНД. СОМОНАҲО ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР ЧӢ ГУНА ХАТАР ЭҶОД КАРДА МЕТАВОНАНД? БИЁЕД ИНРО БИФАҲМЕМ.**

### Сирояти дастгоҳҳо

Яке аз таҳдидҳои асосӣ сирояти дастгоҳест, ки аз он корбар ба сомона бо вирус ё нармафзори зараровар ворид мешавад. Ин метавонад ба талафи маълумот ё ҳатто осебпазирӣ ба ҳамлаҳои ҳакерӣ оварда расонад. Вирусҳо метавонанд ҳам ба мизи кории компютер ва ҳам ба смартфон ворид шаванд.

### Сирқати маълумоти шахсӣ

Хавфи дигар - ин эҳтимолияти сирқат (дуздӣ)-и маълумоти шахсӣ ё паролҳо мебошад. Сомонаҳои пастсифат метавонанд аз системаҳои ҳифзнашудаи нигаҳдории маълумот истифода баранд ва манбаи ихроҷи иттилоот шаванд. Ё ин ки, ин кор дидаю дониста анҷом дода мешавад.

### Сомонаҳои қалбакӣ

Инчунин, бояд аз сомонаҳои қалбакӣ, ки дар зоҳиру аз рӯйи муҳтаво ба сомонаҳои аслӣ монанданд, эҳтиёт бошед. Аммо, дар асл, ҳамлагарон кӯшиш мекунанд, ки ба маълумоти шахсӣ ё маълумоти молиявӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Ҳатман суроғаи сомонаро дар сатри суроғаҳо тафтиш кунед. Он метавонад танҳо бо як ҳарф ё аломати махсус фарқ кунад ва оқибатҳои пардохт ё амалҳои дигар дар чунин сомона “марговар” хоҳанд буд.

Дуздии пул аз кортҳо мушкили ҷиддиест, ки қаллобон тавассути сомонаҳои хатарнок ё қалбакӣ истифода мебаранд. Онҳо метавонанд маълумоти кортро ба даст оварда, ғайриқонунӣ аз он пул бигиранд.

### Шумо дар базаи маълумот ҳастед!

Ниҳоят, муҳим аст, ки имкони ба даст овардани маълумоти шахсии корбарон дар пойгоҳи додаҳои почтаҳои оммавӣ ба назар гирифта шавад. Агар сомона амнияти кофии маълумотро таъмин накунад, ин метавонад ба фиристодани номатлуб ва истифодаи нодурусти маълумоти шахсӣ оварда расонад.

### Чӣ бояд кард?

Барои пешгирӣ аз ин таҳдидҳо корбарон бояд ҳангоми ворид шудан ба сомонаҳо эҳтиёткор бошанд, дастгоҳҳои худро бо нармафзори антивирусии босифат таъмин кунанд, аз паролҳои қавӣ истифода баранд, сертификатҳои бехатарии сомонаҳоро тафтиш кунанд ва ба сатҳи ҳифзи додаҳои сомона диққат диҳанд.

**АГАР ЯГОН СУОЛАТОН БОҚӢ МОНДА БОШАД, МЕТАВОНЕД ШАХСАН БА МАН ТАВАССУТИ ТЕЛЕГРАММ НАВИСЕД: @GKMATADOR**



ПЕШНИҲОД БА ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДУНЁИ КАРТОШКА

## Оё Куҳистони Мастчоҳ кишварро наҷот медиҳад?



**Куҳистони Мастчоҳ яке аз ноҳияҳои калони картошкапарварӣ буда, ҳамасола дар ин ҷо дар майдони бештар аз се ҳазор гектар картошка кишт гашта, истеҳсоли он ба зиёда аз 100 ҳазор тонна расонида шудааст. Дар ояндаи наздик Куҳистони Мастчоҳ метавонад кишвари моро аз мушкили норасоии картошка наҷот диҳад...**

### Нони дуюм

Картошкаро дар 150 мамлакати дунё мекоранд ва онро ҳамчун «нони дуюм» мешуморанд. Он дар байни зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи миқдори умумии истеҳсолаш дар дунё ҷои чорумро баъди гандум, шолӣ ва ҷуворимакка ишғол менамояд. Таърихи парвариши ин зироат дар Тоҷикистон беш аз сад солро дар бар мегирад ва ҳоло картошкапарварӣ қариб дар тамоми манотиқи ҷумҳуриамон ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи нишондодҳо меъёри зарурии тиббии истеъмоли картошка дар як сол аз тарафи як шахрванд дар Тоҷикистон бояд зиёда аз 92 кг бошад. Яъне барои таъмин намудани тамоми аҳолии мамлакат, ки ҳоло зиёда аз 10 миллион нафарро ташкил медиҳад, дар муддати сол қариб як миллион тонна картошкаи хӯрокӣ бояд истеҳсол гардад. Вале, бо назардошти сарфи тухмӣ ва то 8-10% талаф ёфтани картошка, дар муддати 4-6 моҳи нигоҳдорӣ ҳоло талаботи пурраи он иҷро нашуда мемонад. Бинобар ин, дар назди деҳқонон ва мутахассисони соҳаи ҳаётан зарури кишоварзӣ - картошкапарварӣ масъалаи муҳим қарор дорад, яъне истеҳсоли картошка дар солҳои наздик бояд то ба 1,5 млн тонна расонида шавад.

### 2 роҳи афзудани ҳосил

Дар кишварамон имконияти бо ду роҳ афзун намудани истеҳсоли маҳаллии картошка вуҷуд дорад:

ЯКУМ, бо роҳи васеъ намудани майдони кишти ин зироат, ки ин роҳи экстенсивӣ буда, аз сабаби маҳдуд будани захираҳои заминҳои обии ҷумҳурӣ мушкилиро пеш меорад.

ДУЮМ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироат аз ҳар гектари кишт, ки ин роҳи интенсивии истифодабарии заминро тақозо менамояд. Роҳи дуюм бештар ба мавҷуд будани навъҳои серҳосил, тухмии аълосифат, техникаи кишоварзӣ ва ташкили тухмипарвариии ватании картошка дар минтақаи кӯҳистон вобаста аст.

Таҷрибаҳои олимон собит намудаанд, ки ҳосилнокии картошка то 30- 40 фоиз ба сифати тухмии аълосифат вобастагӣ дорад ва таҳқиқотҳои бисёрсолаи олимон ва мутахассисони соҳаи картошкапарварӣ нишон додаанд, ки дар шароити ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикуҳии кишварамон (дар баландиҳои 1800-3000 метр аз сатҳи баҳр) имконияти парвариш намудани тухмии аълосифати картошка мавҷуд аст.

### Натиҷаи таҷриба

Соли ҷорӣ олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти боғдорӣ, токпарварӣ ва сабзаворкории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), Вазорати кишоварзии кишвар ва Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» омӯзишҳоро доир ба нашъунамои навъҳои киштшавандаи картошка дар минтақаҳои кӯҳии мамлакатамон санҷида баромаданд. Мақсади асосии ин омӯзишҳо ба он равона гардида буд, ки тухмии элитаи навъҳои картошкаи Галла ва Кроне, ки баҳори соли 2023 аз Ҷумҳурии Белорус ба миқдори 530 тонна ба ҷумҳурӣ ворид гардида буд, дар шароити ноҳияҳои кӯҳии кишвар, аз қабили ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Рашт, Нуробод, Файзобод, Сангвор, Деваштич, Шаҳристон, Куҳистони Мастчоҳ, шаҳри Исфара, Балҷувон, Муъминобод, Ховалинг ва ғайраҳо кишт гашта буду чӣ тавр нашъунамо менамоянд, муайян карда шавад. Дар ин раванд олимон ва мутахассисон инчунин шароити боду ҳаво ва имконияти парвариши ояндаи тухмии аълосифати навъҳои картошкаро дар минтақаҳои кӯҳии кишвар омӯхта, пешниҳодҳои заруриро доир ба минбаъд тақвият бахшидани тухмипаварии ватании картошка омода сохтанд.

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи омӯзиши минтақаҳои кӯҳии кишварамон барои парвариши картошкаи тухмӣ мутахассисон ба чунин хулоса омаданд, ки шароити ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, боду ҳаво, иқлиму обу хоки ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ хело мувофиқ мебошад. Дар ин ноҳия захираҳои оби соф, хокҳои серҳосил, боду ҳавои салқин дар давраи нашъунамои картошка (ҳарорати миёнаи ҳаво дар ин ҷо ба 18-23 0С баробар аст), хело кам будани ҳашароти зараррасон ва касалиҳои картошка ба назар мерасад, ки ин омилҳои асосӣ барои ба даст овардани ҳосили баланди картошка ва ба муддати дароз нигоҳ доштани сифатҳои тухмии он мусоидат менамоянд.

### 7 пешниҳод

Бинобар ин, мо мутахассисон ва олимони соҳа ба чунин хулоса омадем, ки барои парвариши картошкаи тухмии сифаташ баланд шароити боду ҳавои салқин ва иқлими муътадили ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ ниҳоят мувофиқ буда, дар ин замина чанд пешниҳодро ироа мекунем:

**1.** *Ноҳия метавонад дар оянда минтақаи озоди истеҳсоли картошкаи тухмӣ барои тамоми картошкапарварони ҷумҳурӣ бошад.*

**2.** *Барои тақвият бахшидани тухмипаварии маҳаллии картошка Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Вазорати кишоварзӣ, Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ», шарикони рушд ва сармоягузорон дар сохтани анборхонаҳо, дастрасӣ ба техникаҳои кишоварзӣ, таъмин бо тухмиҳои навъҳои сеҳосил, таъмири роҳу кӯпрукҳо ва баланд бардоштани ҳамкориҳои олимони соҳа бо деҳқонон кӯшиш ба харҷ диҳанд.*

**3.** *Эълон намудани ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ ҳамчун макони «Дунёи картошка». Дар ин замина тамоми гуногунии биологии картошка дар ин ноҳия барои наслҳои оянда гирд оварда шавад. Чунон ки дар ватани картошка - Перу «Парки картошка» вуҷуд дорад.*

**4.** *Дар оянда тухмиҳои суперэлита, элита ва репродксияҳои якум ва дуюми картошка, ки аз беруни кишвар ворид мегарданд, аввал дар хоҷагиҳои ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ афзоиш ва пасон ба дигар ноҳияҳои куҳии кишвар интиқол дода шаванд.*

**5.** *Дар ояндаи наздик олимону деҳқononи Осиёи Марказӣ, картошкапарварони кишвар ва сайёҳону фермерон ба ин ҷо барои омӯзиши таҷрибаи бойи деҳқони тоҷик ва гуногунии биологии картошкаро дидан сафарҳо дошта бошанд.*

**6.** *Дар шароити ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ метавон картошкаи тухмиро барои кишти баҳорӣ ва тобистонаи картошка дар водиҳои Вахшу Кӯлобу Ҳисору Суғд парвариш намуд, ки ин ҳам минбаъд барои афзоиш додани истеҳсоли картошка дар мамлакат кумаки калон расонида метавонад. Барои ин, дар ин ҷо бештар анборхонаҳоро сохтан зарурият дорад, ки деҳқонон бидуни сарфи қувваи барқ, тавассути ҳавои салқини куҳистон тухмиро то моҳҳои июну июл нигоҳ дошта, ба деҳқонони водӣ барои кишти тобистонаи картошка пешкаш намоянд.*

**7.** *Дар шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятҳо бозори фурӯши тухмии картошка аз ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ ташкил карда шавад ва тухмиҳои картошкаи ин ноҳия бояд ҳуҷҷати расмӣ дошта бошанд, ки пеши роҳи ғайрирасмии фурӯши тухмии сифаташ пасти картошка минбаъд гирифта шавад.*

Ҳамин тавр, тавассути дастгирии деҳқononи ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ, дар солҳои наздик масъалаи мушкили парвариши тухмии аълосифати картошка барои тамоми картошкапарварони кишварамон метавонад ҳалли худро ёбад, ки ин дар рушди минбаъдаи соҳаи муҳими кишоварзӣ - картошкапарварӣ таъсири мусбати худро хоҳад расонид.

**Б. БОБОЗОДА,**
директори Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ,
**А. ТОЛИБОВ,**
директори Институти боғдорӣ, токпарварӣ ва сабзаворкории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
**Қ. АЛИЕВ,**
аъзо-вобастаи АМИТ, доктори илмҳои биологӣ,
**Қ. ПАРТОЕВ,**
доктори илмҳои кишоварзӣ

## МУАММОИ ИМЛО

(Аввалаш дар саҳ.3)

Ин банди «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҷомеаро қаноатманд накардааст, ки то ба имрӯз мардум ҳангоми навиштаҳои хеш вожаи «афсус»-ро дар шакли «афсӯс» ва исмҳои хосси «Офтоб», «Моҳ», «Замин», «Моҳтоб», «Шамс», «Қамар»-ро бо ҳарфҳои хурд менависанд.

Ин гуна нофаҳмиҳо дар навишти калимаву таркибҳои «фуру» ва «фурӯ», «савол» ва «суол», «рустанӣ» ва «растанӣ», «пурсу пос» ва «пурсупос», «на фақат» ва «нафақат», «абру» ва «абрӯ», «доругир» ва «дору гир» низ ба назар мерасанд.

Ҳамчунин дар фасли «Аломати сенуқта» (...) зимни мисоловарӣ барои банди шашум аз матни овардашуда баъди ҷумлаи суолӣ сенуқтае, ки бояд ҳамчун сукути шахси мухотабқароргирифтаро баён намояд, афтидааст ва ҳамчунин дар оғози ин диалог ба ҷойи тире нимтире оварда шудааст. Чунончи:

«-Ту ҳезумкаш бошӣ, дос, арғамчин ва харат кучост?»

(?)

- Чикорай?

- ...

Амин дид, ки аз бандӣ ҳеҷ садое намебарояд, ба яке аз одамони худ нигоҳ карда фармон дод. (Садриддин Айнӣ)

Дар фасли «Аломати нохунак» («») зимни овардани намунаи матн аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, номи шоирро бидуни ташдиди ҳарфи р дар шакли «Абдураҳмон» (ҳамон ҷо, саҳ. 63) овардаанд, ки хилофи қоидаи имлост.

Мураттибони «Қоидаҳо...» дар банди сеюми фасли «Нимтире» (-) ҷойи гузоштани онро чунин таъйин кардаанд. Яъне нимтире (дефис) дар байни «исмҳое, ки ҷузъи дуюми онҳо маънои мустақил надоранд: нон-пон, бача-кача, чой-пой, бозор-мозор, қанд-панд, тахта-пахта ва ғайра» (ҳамон ҷо, саҳ. 66) гузошта мешавад.

Агар ба таркиби дар боло овардаи «исмҳое, ки ҷузъи дуюми онҳо маънои мустақил надоранд»-и «Қоидаҳо...» аз рӯи мантиқ назар андозем, суоле пайдо мешавад, ки оё ҷузъи дуюми ҳамаи онҳо маънои мустақил надоранд? Оё ҷузъи дуюми исмҳои дар боло овардашудаи «чой-пой», «қанд-панд», «тахта-пахта» маънои мустақил надоранд?

Мураттибони «Қоидаҳо...»-ро лозим буд, ки ҳангоми ибрози матлаб ва ё мисоловарӣ ба мантиқи суҳан, таҷрибаи ниёгон, тарзи навишту талаффуз ва дигар паҳлуҳои суҳан аҳамияти ҳаматарафа дода, баъдан ҳукм мебаровардаанд, то суханашон боэътимоду пойбарҷой мемонд.

# 35 МИЛЛИАРД СОМОНӢ БА «РОҒУН»

## Гузориш аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ

Аз оғози корҳои сохтмонӣ дар НБО-и «Роғун» 15 сол пур мешавад. Бо ибтикори Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон корҳо дар ин нерӯгоҳи азим пурра оғоз ёфтанд. То ин муддат 2 агрегат, яке соли 2016 (шашум) ва дигаре соли 2019 (панҷум) ба истифода дода шуда, иқтидори ҳар яки онҳо 3600 мегаватро ташкил медиҳад. Ҳоло ҳудуди 15 000 нафар дар ин иншооти энергетикӣ ба таври шабонарӯзӣ фаъолият доранд. Зимни як боздид ва суҳбат бо мутахассисон дар худи нерӯгоҳ, ки он дар Тоҷикистон ҳаёту мамот ном бурда мешавад, бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ ошно шудем.



### Бузургтарин иншоот дар минтақа

Бори дуюм аст, ки бароям дидани фаъолияти нерӯгоҳ ва суҳбат бо муҳандисону сохтмончиён муяссар мешавад. Дар қаъри замин бунёд ёфтани нерӯгоҳ ба назар афсона менамояд. Аммо вақте кас бо чашм мебинад, ин воқеият аст. Маротибаи якум, соли 2018, пеш аз ба истифода додани агрегати дуюм ба ин иншооти бузургтарин дар минтақа - НБО-и “Роғун” омада будам. Вале ин навбат, комилан таассурот дигар аст. Техникаҳои зиёд дар равуо ва дар ҳар қитъа муҳандисону сохтмончиён банди кори худ ҳастанд. Бо ҳайати устодону олимони соҳаи муҳандисӣ ва энергетикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ таҳти роҳбарии ректори ин муассисаи олӣ Қудрат Давлатзода, мо бо рафти иҷрои корҳои сохтмонӣ, васлу насби қисмҳои электрикии нерӯгоҳ шинос шудем. Аз наздик ошно шудан бо системаи назорат ва идораи агрегатҳо, қисмати тақсимотии шиддати баланд, қадам задан дар маркази ядро, дарғот (платина) ва боз дигар нуқтаҳое, ки дар оянда зери об мемонанд, хеле хотирмон буд.

### Харҷи беш аз 35 миллиард сомонӣ

Ҳайати моро Қурбонназар Давронов, муовини директори ҶСК НБО-и “Роғун” роҳбалад буд ва дар ҳар қитъаи нерӯгоҳ истода, нозукии кор дар онҳоро шарҳ медод. Ӯ изҳор дошт, ки аз оғози фаъолияти ду агрегати аввали нерӯгоҳ, ки бо фишори пасти обанбори тозабунёд кор мекунанд, зиёда аз 6,4 миллиард киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол шуда, ба низоми ягонаи энергетикии мамлакат интиқол дода шудааст. Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмону васлгарии нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» давоми солҳои 2008-2022 беш аз 35 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Тавре маълумот гирифтем, соли 2022 барои идомаи сохтмони нерӯгоҳ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ 2,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида буд. Аммо Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, бо ин мақсад, дар маҷмуъ, 4 миллиард сомонӣ равона намудааст.

Аз оғози соли ҷорӣ барои пардохти корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншоот, корҳои лоиҳакашиву таҳқиқотӣ, хариди таҷҳизот, молу масолеҳи сохтмон ва хизматрасониҳо аз ҳисоби буҷет 2,6 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши барқи истеҳсолкардаи нерӯгоҳи «Роғун» 427 миллион сомонӣ ва дар умум зиёда аз 3 миллиард сомонӣ харҷ шудааст.

Ҳангоми ба минтақаҳои сохтмон роҳнамоӣ кардан, Қурбонназар Давронов гуфт, ки «корҳои сохтмонии нерӯгоҳ ба лотҳои алоҳида тақсим шудаанд. Онҳо бо ҳамдигар вобастагӣ доранд. Қафомонӣ дар яке аз онҳо боиси қафомонии корҳо дар дигар самтҳо мегардад».

Бино ба гуфти ӯ, дар бунёди сарбанд, ки яке аз иншооти муҳими нерӯгоҳ мебошад, то имрӯз аз ҷониби Ширкати «Вибилд»-и Итолиё аз 80 миллион метри мукааби пешбинишуда дар қисматҳои болову поёни сарбанди асосӣ 19 миллион метри мукааб сангу шағал рехта, тахту ҳамвор карда шудааст.

### Ядрои сарбанд

Дидани минтақаи ядрои сарбанд низ хеле ҷолиб буд. Зеро он қисми муҳими нерӯгоҳ низ маҳсуб меёбад. Дар суҳбат масъулин маълум шуд, ки дар ин минтақа мустаҳкамсозиву бехатаргардонии соҳилҳои чапу рости паҳлуи кухҳо ичро гардидааст. Корҳои заминӣ дар ҳаҷми беш аз 2,7 миллион метри мукааб ба анҷом расидаанд. Инчунин, то имрӯз ба таҳкурсии ядрои сарбанд аз 268 ҳазор метри мукааби пешбинишуда 240 ҳазор метри мукааб бетони пуркунанда ва шиббашаванда рехта шудааст. Ҳамзамон, дар таҳкурсии ядрои сарбанд барои корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда аз







3014 чоҳи пешбинишуда 2615 чоҳ пармакорӣ ва сементатсия гардидааст. Ҳоло корҳои бетони шиббашаванда ва сементатсияи мустаҳкамкунандаи таҳкурсии ядрои сарбанд босуръат идома доранд. Талош ҳам ҷиҳати дар муҳлати муайянгардида то сатҳи 1110 метр баланд бардоштани сарбанд аст. Барои иншооти нерӯгоҳ низ маводу масолеҳи аълосифати муосир ва тачҳизоти ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ истифода мешавад.

### Филиали кафедраҳои донишгоҳ дар нерӯгоҳ

Тавре маълум шуд, дар НБО-и «Роғун» филиалҳои кафедраҳои тахассусии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон низ таъсис ёфтаанд.

Филиали кафедраҳои нерӯгоҳҳои электрикӣ, иншооти гидротехникӣ ва зеризаминӣ, автоматикунонии равандҳои технологӣ дар истеҳсолот ва истифодабарии нақлиёти автомобилии ин донишгоҳ барои таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ ҷиҳати омода намудани мутахассиони касбӣ хеле муҳим аст.

Рамазон Абдуллозода, муовини ректор оид ба илми донишгоҳи мазкур дар суҳбат гуфт, ки таъсиси филиали кафедраҳо бо мақсади ба роҳ мондани таҳсилоти дуалӣ низ мебошад. «Дар ин замина кормандону муҳандисони НБО-и «Роғун» бо истифода аз иқтидори кадрии донишгоҳ ба машғулияти такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд. Донишҷӯёни ихтисосҳои энергетика, сохтмон, нақлиёт ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ин иншооти стратегӣ таҷриба меомӯзанд»,- изҳор дошт Абдуллозода.

Ба таъкиди ӯ, ҳоло филиали кафедраҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи энергетика, ҶСК «Азот» ва НБО-и «Варзоб» низ фаъолият менамоянд.

### Диловар Олмонро гузошту ба Роғун омад

Диловар Давронов ҷавонест, ки се сол инҷониб дар НБО-и “Роғун” ба сифати ҳамоҳангсози мониторинг кор мекунад. Дар ин боздид суҳбати мо бо ӯ дар назди агрегати 4-уми нерӯгоҳ сурат гирифт. Ба гуфтаи ӯ, он мувофиқи нақша соли 2025 мавриди истифода қарор мегирад. Диловар Давронов дар ибтидо яке донишгоҳҳои олии Олмонро бо ихтисоси меъмории ландшафтӣ хатм кардааст. Сипас, маълумоти дуюми олиро дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, факултети сохмон ва меъморӣ гирифтааст. Ӯ дар суҳбат бо мо гуфт, ки шароити кор дар нерӯгоҳ хуб аст. “Кор дар ду баст аст: қисмати рӯзона ва шабона. Дар ҳар баст кормандон тақсим шудаанд. Ман ҳамагӣ 15 рӯз кор мекунам ва маоши арзанда мегирам. Воқеан, инҷо корзори нангу номус аст. Ҳама бо шавқ ва муҳаббат кор мекунанд. Ман низ ба ҳамин ният инҷо ба кор омадам, то саҳми худро барои энергетикаи кишварам гузорам”,- изҳор дошт номбурда.

Умуман, аз чеҳраи тамоми сохтмончиёну муҳандисони нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” аён буд, ки ҳама бо дили гарм ва азми қавӣ кор мекунанд. Зеро “Роғун” ояндаи дурахшони Тоҷикистон аст. Ба андешаи таҳлилгарон, пас аз истифодаи пурраи «Роғун» на танҳо эҳтиёҷоти энергетикии Тоҷикистон бароварда мешавад, балки содироти нерӯи барқи арзон ба кишварҳои ҳамсоя низ бештар мегардад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# РОҲИ ГЕНЕРАЛ МАМАДРИЗОБЕКОВ

## Аз аскари қаторӣ то ҷонишини вазири амният



**Яке аз фарзандони диловари сарзамини мо, собиқадори мақомоти амният генерал-майор Давлат Мамадризобеков 85-сола шуд. Роҳи тайкардаи ин афсари шуҷоъ дар ҳимояи Ватан намунаи ибрат барои ҳар ҷавонмарди худогоҳи тоҷик мебошад.**

### Даврони душвори кӯдакӣ

Давлат Мамадризобеков 10-уми октябри соли 1938 дар деҳаи Манеми ноҳияи Шуғнон таваллуд шудааст. Онҳо дар оила 4 фарзанд буданд. Даврони кӯдакии ӯ ба солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омад. Илова бар ин, соли 1943 оилаи онҳо саробонашро аз даст дод. Бинобар ин, Давлат ва бародараш Элчибек ба хонаи кӯдакони шаҳри Хоруғ фиристода шуданд. Давлат Мамадризобеков баъдан дар суҳбатҳои хеш аз хонаи бачагон ба некӣ ёд карда, муҳити онро дар ташаккули шахсияти худаш муҳим арзёбӣ мекунад.

### Механики заводи консерва

Тобистони соли 1951 Элчибек ва Давлатро бо чанд нафар аз бачагони хонаи кӯдакон ба Сталинобод оварданд. Элчибек ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ дохил шуд. Давлатро бошад, бо як гурӯҳ ба интернати деҳаи Шуркӯргони Конибодом фиристоданд, ки таълиму тарбия дар он бо забони ӯзбекӣ ба роҳ монда шуда буд. Чун Давлат ҳеҷ гоҳ каломи ӯзбекиро ҳатто нашунида буд, муддате аз таҳсил дур монд.

Дере нагузашта ӯ низ ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, дар муддати кӯтоҳ соҳиби ихтисоси механик-контролёри таъмири мошинҳои корхонаи консервабарорӣ шуд ва дар комбинати консервабарории Конибодом ба кор пардохт.

### Бозгашт ба Хоруғ

Тирамоҳи соли 1953 баъди хатми техникум Давлат Мамадризобековро ба заводи консерваи деҳаи Чептураи ноҳияи Шаҳринав ба сифати ёрдамчии устои сехи асосӣ ба кор фиристоданд. Дар хобгоҳи завод ӯ соҳиби ҳуҷра шуд. Маоши хуб, илова бар ин, ҳар моҳ ду-се банка мураббо ва комбинезони нав мегирифт, ки он замон камёфт буд.

Ҳама чиз гӯё хуб буд, вале Давлат таҳсил кардан мехост. Бинобар ин, аввал ба мактаби шабона дохил шуд ва соли 1956 бо даъвати бародари калониаш Ниятбек ба зодгоҳ баргашт ва ба мактаб-интернати Хоруғ ҷалб шуд.

### Мактаби шуҷоат

Соли 1958 Давлат Мамадризобеков мактаби миёнаро хатм карда, тирамоҳ ба сафи Артиши Шуравӣ даъват шуд. Хизматро дар шаҳри Ашқобод бо сари баланд сипарӣ намуда, соли 1961 бо рутбаи лейтенанти хурд ба захира фиристода шуд. Мегӯяд, ки хизмати ҳарбӣ барояш мактаби шуҷоат ва мардонагӣ буд.

Баъди адои хизмат ба Душанбе баргашт ва ба ҳайси инструктори тарбияи ҷисмонии заводи нонпазии Душанбе ба кор пардохт. Дере нагузашта котиби комитети комсомолии ин коргоҳ интихоб шуд.

### Тавсияи Муханин

Дар ин комбинат Иван Сергеевич Муханин ном котиби ташкилоти партиявӣ кор мекард. Ӯ таҷрибаи зиёди фаъолият дар ниҳодҳои амниятӣ, аз ҷумла дар хориҷаро дошт. Аз рӯзҳои аввали фаъолият ӯ Давлатро зери чашм карда, бо ӯ дӯст шуд ва аз фаъолияти хизматии хеш дар амният нақлҳои ҷолиб мекард. Махсусан, аз солҳои хизматаш дар хориҷи ИҶШС. Давлат ҳам он нақлҳоро ба завқ гӯш мекард.

Рӯзе Муханин аз ӯ пурсид, ки "мехоҳед дар мақомоти амниятӣ фаъолият кунед?". Давлат, ки аз нақлҳои ҷолиби ӯ мафтун шуда буд, гуфт: "Оё ман барои хизмат дар мақомоти амният мувофиқам?". Муханин гуфт: "Дар ин кор поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ ва адолат лозим аст. Шумо чунин хислатҳоро доред, муҳим ки дар оянда онҳоро аз даст надиҳед".

Ҳамин тавр, Давлат Мамадризобеков зинаҳои мухталифро гузашта, ба мактаби амнияти шаҳри Минск дохил шуд.

### Хизмат ба Ватан

Моҳи сентябри соли 1963 Давлат Мамадризобеков баъди хатми мактаби амният бо рутбаи лейтенантӣ ба Ватан баргашт. Ӯро раиси ҳадамоти амнияти кишвар Свигун Семён Кузмич қабул кард ва баъди суҳбати кӯтоҳ барои хизмат ба Ишкошим фиристод. Ҳамин тавр, фаъолияти ӯ дар мақомоти амнияти кишвар оғоз шуд.

Баъди чанд соли фаъолият дар Ишкошим соли 1969 ба Душанбе даъват шуд ва то соли 1980 дар идораи марказии КГБ Тоҷикистон дар вазифаҳои масъул фаъолият дошт. Аз соли 1980 то соли 1987 сардори Раёсати КГБ-и Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб буд. Дар ин давра фаъолияти ӯ хеле пурсамар буд. Аз тиме, ки дар Кӯлоб Давлат Мамадризобеков роҳбарӣ мекард, чанд нафар дар оянда ба рутбаи генералӣ расиданд, аз ҷумла Саидамир Зуҳуров, Худойқул Ҳамроқулов, Эркин Муҳиддинов, Абдураҳмон Азимов, Сафаралӣ Сайфуллоев, Геннадий Соловёв ва ғ.

### Афғонистон

Хизмат дар Афғонистон давраи аз ҳама ҳассоси фаъолияти Давлат Мамадризобеков аст. Ӯ аввал, солҳои 1987-89 роҳбари гурӯҳи оперативии минтақаи «Шимолу Шарқ» - намояндагии КГБ СССР дар Афғонистон буд. Ба ин минтақа гурӯҳҳои фаврӣ аз вилоятҳои Бағлон, Бадахшон, Қундуз ва Тахор шомил буданд. Вазифаи Мамадризобеков ҳамоҳангсозии фаъолияти ин гурӯҳҳоро таъмин намуда, дар якҷоягӣ бо мақомоти амниятии Афғонистон дар ин қаламрав анҷом додани корҳои оперативӣ буд.

Соли 1989 неруҳои Шуравӣ аз Афғонистон хориҷ шуданд ва гурӯҳи Мамадризобеков шаш моҳи дигар дар он ҷо фаъолияташро идома дод.

Барои хизматаш бо Укази Президиуми Совети Олии ИҶШС бо ордени "Ситораи Сурх" ва баъдан бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Афғонистон бо ордени "Ситораи дараҷаи якум" мукофотонида шуд.

### Ёвари сафир

Соли 1990 Давлат Мамадризобеков ҳамчун афсари соҳибтаҷриба ёрдамчии сафири ИҶШС оид ба бехатарӣ дар Афғонистон таъйин гардид. Дере нагузашта Иттиҳоди Шуравӣ барҳам хӯрд ва ӯ ёрдамчии сафири Русия оид ба бехатарӣ таъйин шуд.

Дар он шабу рӯз вазъият муташанниҷ буд. Аз як тараф барҳамхӯрии ҳукумати Шуравӣ ва дар заминаи сафорати ИҶШС ташкил шудани сафоратхонаҳои кишварҳои ИДМ, аз ҷониби дигар вазъ дар Афғонистон мураккаб шуд. Чанд маротиба ба сафорат ва кормандони он ҳамла сурат гирифт. Аввали моҳи август се намояндаи тиҷоратӣ дар ҳудуди сафорат ба қатл расонида шуданд.

Ин ва дигар воқеаҳо сабаб шуду моҳи августи соли 1992 Борис Елтсин фармон дод, ки сафорати кишвар аз Афғонистон бароварда шавад.

Дар муддати кӯтоҳ анҷом додани корҳои зиёде лозим буд. Нахуст ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва лавозимоти махфӣ бояд нобуд шуда, бинои сафорат ва моликияти он ба мақомоти Афғонистон супорида мешуд.

Баъди анҷоми ин корҳо 27-уми август корвони сафоратхона бо кормандон ва чизу чораашон ба Фурудгоҳи Кобул роҳсипор шуданд. Аз Москва то соати 5 бояд 4 тайёраи ИЛ-76 ба Кобул меомад.

Тайёраи нахустин бо гурӯҳи 60-нафара парвоз кард. Вале дар баробари расидани тайёраи дуюм ҳамлаи мушакӣ оғоз шуд. Ҳавопаймо осеб дид. 60 нафар кормандони сафорат бо шумули сафир, ҳамсараш, мушовирону ҳамсаронашон ба таҳхонаҳои фурудгоҳ паноҳ бурданд. Дигар имкони парвоз аз фурудгоҳи Кобул набуд.

Бинобар ин, бо пешниҳоди Давлат Мамадризобеков нимаи дуюми 28-уми август ҳайат бо тайёраи хурд аввал ба шаҳри Мазори Шариф ва аз он ҷо ба Ватан расиданд.

Барои бе талафот баровардани сафорати Русия аз Афғонистон Давлат Мамадризобеков бо Ордени «Барои ҷасорати шахсӣ» қадрдонӣ шуд.

### Солҳои мушкил барои Ватан

Бо вуҷуди он ки Давлат Мамадризобеков имкони мондан ва идома додани фаъолият дар Русияро дошт, аввали моҳи октябри соли 1992 ба Ватан баргашт.

Дар ин давра Тоҷикистон дар остонаи ҷанги шаҳрвандӣ ва дар вартаи нобудӣ буд. Кумитаи амният нақшаи муайяни фаъолият надошт.

Вале хушбахтона, дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурӣ генерал Саидамир Зуҳуров роҳбари Кумитаи амнияти миллӣ интихоб шуд. Бо омадани ӯ марҳалаи нави фаъолияти ин ниҳод оғоз ёфт. Дар як муддати кӯтоҳ ба ӯ муяссар шуд, ки ҳайати Кумитаро муттаҳид созад. Афсарони соҳибтаҷрибаро ба кор ҷалб карда, барои наҷот додани Тоҷикистон аз вартаи нобудӣ даст ба кор шавад. Дар ин кор Давлат Мамадризобеков дар паҳлуи ӯ қарор гирифт. Он солҳо кори Кумитаи амният аз салоҳиятҳояш фаротар рафта, нерӯи он барои мубориза бо нерӯҳои иртиҷоӣ равона шуда буд.

Моҳи марти соли 1993 Давлат Мамадризобеков сардори бозрасии назди раиси Кумитаи амнияти миллии Тоҷикистон таъйин шуд. С. Зуҳуров дар назди ӯ ва дастааш вазифа гузошт, ки дар муддати кӯтоҳтарин санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намоянд, ки ӯ ин корро ба зудӣ иҷро кард.

Соли 1996 Давлат Мамадризобеков ба вазифаи ҷониши вазири амнияти Тоҷикистон таъйин шуд ва соли 1998 рутбаи генералиро сазовор гардид. Баъдан, барои хизматҳояш дар тақвияти амнияти кишвар бо ордени "Спитамен" қадрдонӣ шуд.

### Ҳамсафари ҳаётӣ

Достони зиндагии генерал-майори мустаъфӣ, корманди фахрии КГБ ИҶШС, дорандаи Ордени "Нишони фахрӣ" ва "Ситораи сурх" Давлат Мамамадризобеков тӯлонӣ аст ва онро дар як матлаби хурд ҷой кардан имкон надорад. Он чӣ имрӯз ёдоварӣ кардем, муште аз хирвор аст.

Феълан Давлат Мамадризобеков давлати пирӣ меронад. Бо ҳамсараш дар Москва зиндагӣ мекунад ва узви Шурои ветеранҳои Русия аст. Мегӯяд, ки ҳамсари хубаш яке аз муваффақиятҳои зиндагиаш буд: "Завҷаи ман Мамадризобекова Вера Петровна дар тӯли зиндагиам ҳамеша бо ман буд. Касби ӯ муаллимист ва дар мактабҳои шаҳрҳои Хоруғ, Кӯлоб ва Душанбе муаллимагӣ кардааст. Боре ҳам нашудааст, ки аз хизмати ман дар сохтори амниятӣ норизогӣ карда бошад ва ҳамеша дар зиндагӣ ёру мададгорам буд. Се маротиба ба Афғонистон, ба назди ман рафта, як муддат дар он ҷо зиндагӣ кард. Ҳатто дар рӯзи д ушвори баровардани сафорати Русия аз Кобул ӯ ҳамроҳам буд. Ман аз ҳамсарам миннатдорам, зеро фарзандонамро хуб тарбия кард".

Генерал Давлат Мамадризобеков мегӯяд, аз он ки зиндагиашро сарфи хизмат ба Ватан кард, розист ва имрӯз бо Тоҷикистони обод ифтихор мекунад.

**О. НОЗИР**

## ЗАНОЗАНӢ БАЙНИ МУҲОҶИРОН

**Субҳи 30-юми сентябри соли 2023, тақрибан соати 11 дар кӯчаи Шоссеи деҳаи Лаврикии Санкт-Петербург муҳоҷирони тоҷик бо ҳам занозанӣ кардаанд.**

Шоҳидон гуфтаанд, ки дар ин майдони сохтмонӣ коргарон аз Тоҷикистон аз гиребони якдигар гирифтаанд. Бино ба иттилои расонаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла “Мойка78”, “коргарони ҷавон дар ҷои кори худ - дар майдони сохтмонӣ дар Мурино “разбор” карда, муноқишаи бархостаро бо кумаки мушту лагад ҳал кардан шудаанд. Шоҳидон дар ин бора ба пулис хабар додаанд, вале иштирокчиёни занозанӣ ҳанӯз то омадани пулис аз онҷо фирор кардаанд”. Кормандони пулис дар ҷои ҳодиса танҳо 3 шаҳрванди Тоҷикистон: акаву додари синнашон 21 ва 18 ва боз як ҳамватани ҳамагӣ 17-солаи онҳоро дастгир кардаанд. Вале баъди бозпурсӣ онҳоро ҳамчун шоҳид гузаронида, ҷавоб додаанд, чунки ин 3 нафар дар занозанӣ иштирок надоштаанд. Тафсилоти дигари ин ҳодиса ва сабаби занозании байни муҳоҷирони тоҷик ҳанӯз маълум нест. Ҳоло пулиси ноҳияи Всеволожск ба таҳқиқи ин қазия машғул аст.

## УКРАИНА ҶАСАДИ ПИЛОТИ ТОҶИКРО БА РУСИЯ ДОД



**Украина ҷасади халабонҳои кушташудаи чархболи рабудашудаи МИ-8 Хушбахт Турсунови 35-сола ва Никита Кирянови 28-соларо дар чорчӯби даври навбатии табодули ҷасадҳо ва асирон баргардонд.**

Никита Киряновро аллакай дар зодгоҳаш, минтақа Олтой (Алтай) ба хок супурдаанд. Ҷасади Хушбахт Турсуновро бошад, баъди анҷоми маросими видоъ, бо ичрои расму русуми ҳарбӣ, аз ҷумла тирпарронӣ ба ҳаво, ба Тоҷикистон мефиристанд. Ӯро дар зодгоҳаш, шаҳри Конибодом дафн хоҳанд кард.

Хушбахт Турсунов дар рафти амалиёти низомии Русия дар Украина кушта шуд. Аз ӯ як писар боқӣ монд, ки ҳамагӣ 8 сол дорад.

# ПАДАР ПАЙДО ШУД, ПИСАРРО МЕҶӮЯНД...

**Рӯзи 1-уми октябри соли 2023, баъди 35 рӯзи ҷустуҷуҳо, ҷасади Ҳоҷӣ Баҳовиддин Ҳайдаров, сокини 49-солаи деҳаи Гузари Моғиёни ҷамоати Моғиёни шаҳри Панҷакентро аз дарёи Зарафшон дар канори деҳаи Дар-Дари ноҳияи Айнӣ пайдо карда, аз об берун кашидаанд.**



Як манбаъ аз Панҷакент гуфт, ки ҷасади Ҳоҷӣ Баҳовиддинро шоми 1-уми октябр ба деҳа оварданд ва субҳи душанбе, 2-юми октябр ба хок супурданд. Ҷустуҷӯи писари 26-солаи ӯ Аловиддин Ҳайдаров ҳамчунон идома дорад.

Ёдовар мешавем, ки Баҳовиддин Ҳайдаров, соли таваллудаш 1974 ва писари ӯ Аловиддин Ҳайдаров, соли таваллудаш 1997, сокинони деҳаи Гузари Моғиёни ҷамоати Моғиёни шаҳри Панҷакент, ки рӯзи 27-уми августи соли 2023 бо мошини “Тойота Ленд Крузер”, рақамаш 2222, аз шаҳри Хуҷанд ба тарафи пойтахт сафар мекарданд, дар шоҳроҳи Хуҷанд - Душанбе бедарак шуданд. Ин ҳодиса дар рӯзе рух дод, ки бисёре аз манотиқи Тоҷикистон, аз ҷумла манотиқе, ки шоҳроҳи Хуҷанд - Душанбе тавассути онҳо мегузарад, ба селу боронгарии шадид рӯ ба рӯ шуда буд. Бар асари ин селу боришот беш аз 20 нафар ба ҳалокат расиданд.

Сокинони Моғиён аз рӯзи аввали бедарак шудани ин ду ҳамдеҳаашон бо ташкили як гурӯҳи бузурги иборат аз тақрибан 60 нафар ба ҷустуҷӯи онҳо пардохта, асосан соҳили дарёҳои Зарафшону Фонро ҷустуҷӯ доштанд. Чунки аз ҳамон аввал як фарзияи асосӣ эҳтимоли бо мошинашон аз роҳ ба ҷарӣ сарозер шудану дар дарё ғарқ шудани падару писар буд.

# ФИРЕБИ ҲАМВАТАН

## Боздошти 4 “мафиози тоҷик” дар Русия



**Сарраёсати тафтишоти шаҳри Санкт-Петербурги Русия рӯзи 2-юми октябри соли 2023 дар саҳифаи худ дар шабакаи “ВКонтакте” аз анҷоми тафтиши парвандаи 4 зодаи Тоҷикистон - аъзои гурӯҳи ҷиноии этникӣ ё қавмие хабар дод, ки ба одамрабой, тамаъҷӯӣ (рэкет), ғоратгарӣ ва дуздӣ айбдор мешаванд.**

Бино ба фарзияи тафтишот, айбдоршавандагон рӯзи 24-уми октябри соли 2022 дар як парковка дар хиёбони Дунай дар канораҳои ҷанубии шаҳри Санкт Петербург ба як ҳамватани худ ҳамла карда, ӯро бо зӯрӣ ба мошини тамғаи “Рено” бор кардаанд. Онҳо ин муҳоҷири тоҷикро латукӯб карда, бо мошин ба қаламрави вилояти Ленинград бурдаанд ва дар он ҷо бо таҳдиди куштан бо намоиши корду пистолет, пулу телефон ва соати ӯро, ки арзишашон тақрибан 34 ҳазор рублро ташкил медод, бо зӯрӣ кашида гирифтаанд.

Одамрабоён ҳамчунин тавассути телефон аз суратҳисоби гаравгон 3500 рублро ба худ интиқол додаанд ва шиносномаву ҳуҷҷатҳои дигари он марди гаравгонро низ гирифтаанд. Онҳо ҳамин тавр ба таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба марди гаравгон идома дода, аз вай талаб кардаанд, ки агар ба онҳо як миллион рубл надиҳад ва худро аз “шармандагӣ” халос накунад, дар бораш маълумоти бадномкунандаро паҳн хоҳанд кард.

Ҷабрдида аз тарси ин таҳдидҳо эътироф кардааст, ки 800 ҳазор рубл дорад. Баъди ин гаравгонгирон ӯро ба назди як бино ба кӯчаи 10-уми Красноармейская дар як гӯшаи дигар дар қисмати шимолии Петербург овардаанд. Гаравгон дар инҷо бо ваъдаи бардурӯғи рафта овардани пул тавонистааст аз мошин баромада, аз дасти гаравгонгирҳо фирор кунад.

# БОЗДОШТИ 2 ПИРАМАРД ДАР ХУҶАНД

**Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон аз боздошти якбора ду сокини солхӯрдаи шаҳри Хуҷанд бо иттиҳоми қасдан расонидани осеби вазнин ба саломатӣ хабар дод.**

Аз ҷумла пирамарди 71-солаи сокини шаҳри Хуҷанд ба он гумонбар мешавад, ки 25-уми сентябри соли 2023, тахминан соати 13:00 дар манзили истиқоматиаш дар ҳолати мастӣ бо домодаш, сокини 37-солаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз сабабе, ки бо духтараш ҷангу ҷанҷол намудааст, муноқиша намуда, бо корди хоҷагӣ ба шикам ва банди дасти чапи домодаш зарба зада, ба ӯ ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ расонидааст.

Инчунин, марди 66-солаи сокини шаҳри Хуҷандро ба он гумонбар медонанд, ки шаби 21-уми сентябри соли 2023, тахминан соати 22:00 дар чойхонаи ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Б. Ғафуров дар ҳолати мастӣ бо марди 57-солаи сокини ноҳияи мазкур бе ягон асос баҳсу муноқиша намуда, 1 маротиба бо корди хоҷагӣ ба баданаш зарба зада, ба ӯ ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ расонидааст.

Ба ин ду пирамарди дастгиршуда бар асоси қисми якуми моддаи 110-и КҶ ҶТ барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ҳамчун ҷазо аз 5 то 8 соли зиндон таҳдид мекунад.



## 51 ҲАЗОР СОМОНӢ БАРОИ ЗОДРӮЗ

**Як тоҷири хуҷандӣ барои таҷлили бошукуҳи зодрӯз эҳтимол аст, ки 51 ҳазор сомонӣ ҷарима шавад. Дар ин бора Раёсати ВКД дар вилояти Суғд хабар медиҳад.**

Гулбарг Акобирова фурӯшандаи мағозаи “Абдулазиз” дар бозори “Панҷшанбе”-и шаҳри Хуҷанд мебошад. “Ӯ ба муносибати ҷашни зодрӯзаш зиёфати пуршукуҳ ташкил кардааст”,- чунин арзёбӣ мекунанд ин чорабиниро дар мақомоти милитсия.

Бино ба маълумоти Раёсати ВКД, ҷашни зодрӯз 13-уми сентябр бевосита дар ҷойи кори зан - мағоза баргузор шуда, ӯ ба он ҳудуди 15 нафар занон, асосан ҳамкорони худро даъват кардааст.

Эҳтимол меравад, ки соҳибҷашн 51 ҳазор сомонӣ ҷарима шавад.

## КАФАН БА ҶОЙИ ҶОМАИ ДОМОДӢ

**Субҳи ҷумъа, 29-уми сентябри соли 2023 ҷасадҳои ду ҷавони тоҷикро аз Русия ба Ватан оварданд: Абӯбакр Ҳабибуллозода, ки ҳамагӣ 23 сол дошта, аз деҳаи Камонгарон дар канори шаҳри Ваҳдат буд ва Эҳром Исоқов аз Конибодом.**

Абӯбакр фотеҳа шуда буд ва қарор буд, ки поёни моҳи октябр тӯй мешуд.

Абӯбакр ва Эҳром рӯзи 25-уми сентябр аз шаҳри Маскав ба роҳ баромада, 1700 километр роҳро тай кардаанд, вале дар ҳудуди кишвари Перм дучори садама шудаанд.

## ҲАМЛАИ ГУРГ БА СОКИНИ ИШКОШИМ

**Маркази матбуоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи Тоҷикистон хабар дод, ки субҳи барвақти 1-уми октябри соли 2023, тақрибан соати 05:30 сокини 48-солаи деҳаи Яхшивули ҷамоати деҳоти ба номи Рустамбек Юсуфбекови ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мавриди ҳамлаи гург қарор гирифтааст.**

Доду фарёди ӯро шунида, ҳамсояҳо ба кумаки ин мард расидаанд ва гургро кушта, ҷабрдидаро наҷот додаанд. Сокини Яхшавулро дар бемористони ноҳиявӣ бистарӣ кардаанд. Кумитаи ҳолатҳои фавқулода гуфт, ки дар ҳоли ҳозир табибон вазъи саломатии ӯро муътадил арзёбӣ мекунанд.

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ “ДУШАНБЕ-ИНВЕСТ 2023”

## барои густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам меорад

**29-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” баргузор гардид.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми видеоӣ ба иштирокчиёни Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” мурочиат намуда, ба кори форум барору комёбиҳои назаррас таманно намуданд.

Дар қисмати расмии ифтитоҳи Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода суханронӣ намуданд.

Дар кори Форум Сарвазири Озарбойҷон Алӣ Асадов, муовини Сарвазири Русия Марат Хуснуллин, муовини Сарвазир - роҳбари Дастгоҳи Ҳукумати Қазоқистон Галимжан Койшибаев, мехмонони олимақом аз дигар давлатҳо ва роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат, инчунин беш аз 600 нафар соҳибкорону сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ширкат варзиданд.

Баъд аз нисфирӯзӣ Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои панелӣ идома ёфта, мавзуҳои “Имконоти сармоягузории шаҳри Душанбе”, “Саноат - омили асосии рушди иқтисодӣ ва заминаи мусоид барои сармоягузорӣ”, “Тоҷикистон - мамлакати энергияи “сабз”, иштироки бахши хусусӣ дар рушди энергетика”, “Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя”, “Рушди иқтисодиёти “сабз”, рақамикунонӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Имконоти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсол ва содироти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ ба бозори ҷаҳонӣ”, “Рушди нақлиёт, логистика ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ” ва “Имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, дурнамои рушди соҳаи дорусозӣ ва тиби хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди баррасӣ ва табодули афкори иштирокдорони Форум қарор дода шуд.

Ҳамзамон, дар баробари дигар панелҳои соҳавӣ, панели чорум дар мавзуи “Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ” таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва бо иштироки сармоягузорон, соҳибкорони дохилию хориҷӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори худро оғоз намуд.

Дар ибтидо муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба кори панели чоруми Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” хусни оғоз бахшида, изҳор дошт, ки ҳадафи баргузории чорабинии имрӯза муаррифии бештари зарфияту фазои мусоиди сармоягузории Тоҷикистон, ҷалби сармоя, роҳандозӣ ва тақвияти ҳамкориҳо байни ширкатҳои ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, ҳамчунин фароҳамсозии имкониятҳо барои рушди тиҷорати рақамӣ бо мақсади татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар маҳсуб ёфта, дар доираи Форуми мазкур баргузории як қатор панелҳо оид ба самтҳои гуногуни иқтисодиёт ташкил гардидааст, ки дар чаҳорчӯбаи онҳо баимзорасонии созишномаҳо ва ёддоштҳои муҳим ба нақша гирифта шудааст.











Сипас, номбурда суханро барои пешбурди кори панели чорум ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода вогузор намуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор дошт, ки Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” барои баррасии масъалаҳои низоми молиявӣ ва чиҳати роҳандозии тадбирҳои зарурӣ барои ҷалби бештари сармоягузорӣ заминаи мусоидро фароҳам оварда, чиҳати тақвияти робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо сармоягузорони хориҷӣ, баҳодиҳии иқтидори иқтисоди миллӣ, пешбурди фаъолияти босамари соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон саҳми босазо мегузорад.

Таъкид карда шуд, ки фаъолияти босуботи низоми бонкӣ яке аз омилҳои калидӣ дар таъмини устувории иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, дар ин замина Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини фаъолияти устувори он тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст, ки ҳадаф аз он мусоидат ба рушди соҳа мебошад. Дар робита ба ин, Ҳоким Холиқзода омодагии низоми бонкии кишварро бо шарикони рушд чиҳати ҷалби сармоя бо мақсади таҳкими низоми бонкӣ, ҳамчун артерияи асосии иқтисодиёти кишвар баён намуд.

Сипас, бо пешниҳоди Ҳоким Холиқзода аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар мавзуҳои “Имкониятҳои сармоягузорӣ дар низоми бонкии кишвар. Нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ”, “Бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ, инфрасохтор ва дурнамои рушд”, “Рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва воситаҳои муосири пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҶСК “Бонки Эсхата” - “Таҷрибаи Бонки Эсхата дар маблағгузории самтҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ”, ҶСК “Тавҳидбонк” - “Бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъ, имкониятҳо ва дурнамои рушди он”, ҶДММ “ТС Бима” - “Дурнамои ҷалби сармоя ба бозори суғурта”, ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” - “Сармоягузории “Спитамен иншурэнс” ба низоми бонкӣ ва рушди бозори суғурта”, намояндагии БАТР дар Осиёи Марказӣ ва Муғулистон - “Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузориҳо” ва намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - “Амалиётҳо ва стратегияи Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ: Фароҳам овардани шароит барои сармоягузории бахши хусусӣ” рӯнамоиҳои муфассал манзур карда шуданд, ки атрофи онҳо муҳокимаронихои ҳирфаӣ доир гардиданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода зимни ҷамъбасти кори панели чорум аз иштирокдорони Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” даъват ба амал оварда, ки барои амалӣ гардонидани вазифаҳои муштараки умумӣ ва ба сатҳи баланд бардоштани ҳамкории мутақобилан судманди шарикӣ фаъолона ҳамкорӣ намоянд.

Дар қисмати хотимавии ҷаласаи панели чорум маросими баимзорасонии Харитаи роҳ оид ба амалисозии лоиҳаи Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ “Маблағгузорӣ дар асоси дороиҳои манқул” барои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 баргузор гардид, ки ба он раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва намояндаи доимии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарух Султонов имзо гузоштанд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**



# ИНСУЛТ

## 3 роҳи расонидани ёрии аввалин

**Инсулт ё сактаи мағзӣ бемории бисёр хатарнок аст. Бо муайян кардани аломатҳои он ва расонидани ёрии аввалия ба бемор, шумо метавонед ҷони ӯро наҷот диҳед. Дар тиби имрӯза озмоиши (тести) бисёр содда ва самараноке вуҷуд дорад, ки имкон медиҳад, то хеле зуд аломатҳои аввалини ин беморӣ муайян карда шавад.**

**Инак, мо ин озмоишро пешкаши шумо мегардонем, то дар сурати лозима аз он истифода баред:**

а) Аз бемор хоҳиш кунед, то табассум кунад. Дар марҳилаи аввалияи сакта, лабони бемор ҳангоми табассум "кач" ба назар мерасанд, зеро ҳангоми сакта як қисмати рӯйи бемор аз кор мемонад ва як кунҷи даҳон ба поин овезон мешавад. Забони бемор низ номутаносиб ҷойгир мешавад. Забон ба як тараф меафтад ва шакли нодуруст мегирад.

б) Аз бемор хоҳиш кунед бо шумо сухан гӯяд. Чун вайроншавии нутқ ба мавзеи ташаккулёбии сакта вобаста аст ва ихтилоли нутқ танҳо дар сурати иллатёбии қисми чапи нимкурраи мағзи сар (агар шахс "ростдаст" бошад) пеш меояд. Аммо агар шахс "чапдаст" бошад, ихтилоли нутқ дар сурати иллатёбии нимкурраи рости мағзи сар пеш меояд.

с) Аз бемор хоҳиш кунед якбора ҳар ду дасташро ба боло бардорад. Агар бемор ин корро анҷом диҳад, дасти муқобили тарафи гирифтори сакта аз дасти дигар поинтар қарор мегирад. Дар ҳар сурат дараҷаи ҷойгиршавии дастҳо якхела нест.

**Аломатҳои зерин низ метавонанд нишонаҳои сактаи мағзӣ бошанд:**

*- қисман ё пурра аз ҳуш рафтани бемор;*

*- аз даст додани қобилияти ҳарф задан ва инчунин аз даст додани қобилияти фаҳму дарки сухани каси дигар;*

*- саргиҷа ё сарчархзании шадид, аз даст додани ҳамоҳангӣ ва ҳисси мувозинат.*

Агар шумо дар бемор яке аз ин аломатҳоро мушоҳида кардед, фавран ба "ёрии таъҷилӣ" муроҷиат кунед.

Шумо метавонед то омадани Ёрии таъҷилӣ ба бемор кумаки аввалия расонед. Авval ба "ёрии таъҷилӣ" ҳолати беморро саҳеҳу дуруст бифаҳмонед. Чун ба одами гирифтори сактаи мағзӣ ёрии пизишкони асабшинос зарур аст. Бинобар ин муассисаи тиббӣ бояд шуморо дуруст фаҳмад, то ба наздатон пизишкони даркориро равон кунанд.

Сониян беморро тавре бихобонед, ки сараш аз сатҳи ҷои хобидааш 30° болотар қарор гирад. Барои ин кор метавонед аз патту, болишт ё либос истифода намоед.

Дар марҳилаи баъдӣ кӯшиш кӯшиш кунед ба бемор озод нафас гирифтанро таъмин намоед. Бояд либоси танг, тасма ё ҳар чизи дигар, ки метавонад ба нафаскашии ӯ халал расонад, аз баданаш дур шавад. Инчунин, вуруди ҳавои тозаро ба утоқи бемор таъмин намоед.

Агар бемор дучори дилбеҳузурӣ шуд ё ба партофтан даромад, сари ӯро оҳиста ба як тараф гардонед. Ин имкон медиҳад роҳҳои нафаскашиаш муҳофизат шаванд. Баъд аз поён ёфтани истифроғ ё қайкунӣ даҳони беморро поку тамиз созед.

Инчунин, ҳатман фишори артериалии беморро бисанҷед ва нишондодҳоро ҷое сабт карда, ба табибон нишон диҳед. Агар фишор баланд бошад, бояд ба бемор доруи фишорпасткунанда бидиҳед. Агар дору набошад, ба болои пои бемор грелка ё шишаеро бо оби гарм гузоред. Барои насӯхтани бемор ҳарорати обро бояд танзим кард.

Хеле муҳим аст, ки шумо эҳсоси худро низ контрол кунед ва ба бемор тарсу ҳаячони худро нишон надиҳед. Бо бемор ҳар қадар метавонед орому ботамкин суҳбат кунед ва ба ҳар васила дастгирии маънавии худро намоиш диҳед.

Баъди омадани Ёрии таъҷилӣ шумо бояд ба табибон аз тамоми ҷузъиёти воқеа иттилоъ диҳед. Ин корро ҳарчи фаҳмотар анҷом диҳед, беҳтар аст.

# КАДУ

## ҷисмро тозаю иммунитети инсонро пурқувват месозад

**Аксарият ба каду назарногирона менигаранд, вале дар таркиби ин сабзавоти оддӣ моддае бо номи карнитин мавҷуд аст, ки ҷисми моро саршор аз нерӯ ва энергияи нав мегардонад.**



Каду ҷисми инсонро аз дарун тоза карда, ифлосиҳо (шлаки)-ро мебарорад ва кори майнаи сарро ба низом медарорад.

Каду дар таркибаш ҳамчунин витамини К дорад, ки барои мубодилаи моддаҳо ва фаъолияти бонизоми гурдаҳо бениҳоят зарур мебошад. Бартарии дигари каду дар он аст, ки дар таркибаш ба миқдори зиёд алфа ва бета-каротин дорад. Ин моддаҳо барои биноии чашм, рушди ҳуҷайраҳо ва пурқувват шудани системаи муҳофизатии организм, яъне иммунитети инсон бениҳоят зарур мебошанд.

Ҳамагӣ ним истакон шарбати кадуро бо ду қошуқ асал омехта карда нӯшед, асабро ором намуда, ба шумо эҳсоси фараҳу шодӣ мебахшад.

Ба шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд ё сатҳи холестерин дар хунашон баланд аст, хӯрдани донаки каду маслиҳат дода мешавад.

Кадуро дар бисёр намуди таомҳо истифода бурдан мумкин аст. Ҳоло, ки фасли тирамоҳ ва каду фаровон мебошад, бештар мантуи кадугӣ пухта хӯред ва аз каду ҳар хел хӯрокҳои лазиз омода намоед, то ки аҳли хонадони шумо солиму бардам гарданд.

# Толеънома



**Ҳамал**
*21.03 - 20.04*

*Мушкилоти молиявӣ дар ҷои аввал қарор мегирад. Агар фарзанд дошта бошед, охири ҳафта нисбаташон ғамхории бештар зоҳир намоед. Ба варзиш машғул шуданро фаромӯш накунед. Рӯзҳои истироҳатро ба шахси дӯстдоштаи худ бубахшед.*



**Савр**
*21.04 - 21.05*

*Аввали ҳафта эҳтимоли сар задани муноқиша бо ҳамкорон дар назар аст, аз ин рӯ, ба моҷарову иғвоангезиҳо дода нашавед ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо роҳбарият баҳс карданро ба худ раво набинед. Табъи нохуши шумо ва кам шудани нерӯи корӣ ба пешравии корҳоятон халал мерасонад.*



**Ҷавзо**
*22.05 - 21.06*

*Нимаи аввали ҳафта ба баҳсу мунозираҳои зиёд рох доданатон имконпазир аст. Дар ин рӯзҳо худро ба даст гирифта, ба муноқишаи дигарон ҳамроҳ нашавед. Баъзе нафарони танбал уҳдадориҳои худро ба дӯши шумо бор карданӣ мешаванд.*



**Саратон**
*22.06 - 23.07*

*Аз рӯзи аввали ҳафта сар карда, бояд бо вазифаҳои касбии худ машғул шавед. Агар танбалӣ накунед, дар ин рӯзҳо даромади хуб ба даст оварда метавонед. Хусусан комёбӣ насиби нафароне мегардад, ки бо тиҷорат машғуланд ё дар вазифаҳои давлатӣ фаъолият мекунанд.*



**Асад**
*23.07 - 22.08*

*Душанбе рӯзи душвор аст, ҳатто дар корҳои оддитарин дучори монеаҳо мегардеду бо атрофиён забон ёфтанатон душвор мегардад. Дар ҳаёти нафарони ояладор мушкилии ногаҳоние сар мезанад, ки ҳатто боиси ҷудо шудани дилдодаҳо мегардад.*



**Сумбула**
*23.08 - 22.09*

*Барои зодагони мучали сумбула нимаи аввали ҳафта чандон бобарор нест. Дар ин рӯзҳо хеле эҳтиётқор будanатон лозим меояд. Як ҳарфи ноҷо метавонад боиси бад шудани муносибатҳои шахсӣ гардаду як ҳодисаи ногаҳонӣ ба рафти корҳоятон халал ворид месозад.*



**Мизон**
*25.09 - 22.10*

*Рӯзи душанбе барои мулоқоти ошиқона ё вохӯрӣ бо дӯстон созгор аст. Нафарони муҷаррад бояд барои гузоштани қадами аввалин омода бошанд, рӯзҳои мусоидро аз даст надиҳед. Рӯзҳои ҷумъа ва шанбе эҳтиётқор бошед, дар хонаву ҷои кор аз муноқиша худдорӣ намоед.*



**Ақраб**
*23.10 - 22.11*

*Аввали ҳафта нафароне, ки ба тозагӣ ошиқ шудаанд, бояд нисбати дӯстдоштаи худ ботаҳаммул бошанд. Ҳатто баҳси ночиз метавонад ба моҷарои калон печида, сабабгори ҷудоӣ гардад. Эҳтимоли сар задани моҷаро ва хурӯҷ намудани бемориҳо дар назар аст.*



**Қавс**
*25.11 - 21.12*

*Рӯзи душанбе хеле бобарор меояд, бо дилпурӣ вохӯриву масъалаҳои кориро ба нақша гиред. Вазъи молиявӣ бо шарофати шиносҳои наватон рӯ ба беҳбудӣ меорад, ҳамзамон пешниҳоди ба даст овардани маблағи иловагӣ пайдо мешавад.*




**Ҷаддӣ**
*22.12 - 20.11*

*Тамоми ҳафта барор ва табъи болида ҳамсафаратон гашта, вазъи молиявиатон беҳтар мегардад. Мулоқоти ошиқона табъатонро болида месозад. Шиносоиҳои наватон кӯтоҳмуддат мешаванд. Рӯзи ҷумъа руҳафтодаву дилгир шавед ҳам, чанд ҳодисаи шодиовар рух медиҳад.*



**Далв**
*21.01 - 19.02*

*Дар касбу кор ва масъалаҳои молиявӣ барор ҳамсафари шумо мегардад. Нафарone, ки бо тиҷорат машғуланд, вазъи молиявии худро беҳтар месозанд. Рӯзи якшанбе мулоқоти ошиқонаро ба нақша нагиред, дар ин рӯз муноқиша карданатон эҳтимол дорад.*



**Ҳут**
*20.02 - 20.03*

*Барои зодагони мучали ҳут айёми бобарор фаро мерасад, ғами мушкилиҳоро нахӯред, чизе шуморо ташвиш нахоҳад дод. Ҳама мушкилиҳо сари вақт рафъ мегарданд. Вақте расидаast, ки аз пайи амалӣ сохтани орзуву умедҳои наҷиби худ гардед.*

# КАЛОНТАРИН ФАРҲАНГИ ИНГЛИСӢ-ТОҶИКӢ

## Сарфи 20 сол барои шарҳи 160 ҳазор вожа



**Ба наздикӣ дар яке аз чопхонаҳои Туркия “Фарҳанги муосири инглисӣ-тоҷикӣ” ба нашр расид, ки 160 ҳазор калимаву ибораҳоро дар бар мегирад. Китоб ба қалами Озар Саидов тааллуқ дорад ва феълан калонтарин фарҳанги инглисӣ-тоҷикӣ мебошад.**

Фарҳангнигории дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ аз замони шуравӣ сарчашма мегирад. Луғати аввалини англисӣ-тоҷикӣ зери таҳрири Г. Б. Баракаева соли 1970 ба чоп расидааст, ки тахминан шарҳи 3 ҳазор калимаро фаро гирифтааст. Ин китоб ҳамчун луғати таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ таҳия шудааст.

Соли 1972 “Луғати хурди англисӣ-тоҷикӣ” ба нашр расид, ки он ба қалами М. Б. Шаҳобова мансуб аст. Номбурда ин китобро бо илова кардани бахши форсӣ таҳти унвони “Луғати мухтасари англисӣ-тоҷикӣ-форсӣ” соли 1989 ба чоп расонид. Ин луғат низ ҳудуди се ҳазор калима ва ибораҳоро дар бар гирифтааст.

Фарҳангнигорӣ дар замони истиқлол равнақ пайдо карда, дар се даҳаи охир дар кишвар чандин луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ ба нашр расиданд. Аз ҷумла “Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ”-и П. Ҷамшедов ва Т. Розӣ (соли 2005), ки муодили тоҷикии 26 ҳазор калимаву ибораи англисиро фаро мегирад.

Дар соҳаи фарҳангнигории тоҷик метавон саҳми профессор Абдусалом Мамадназаровро алоҳида таъкид кард. Зеро Фарҳанги инлисӣ-тоҷикии ӯ, ки борҳо нашр шудааст, яке аз намунаҳои барҷастаи фарҳангнигорӣ дар замони истиқлол мебошад. Нашри охири ин китоб 100 ҳазор калимаро фаро мегирад. Дар баробари ин, профессор Абдусалом Мамадназаров чандин фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии соҳавиро ҳам таҳия кардааст.


Таълифи фарҳангҳои тоҷикӣ-англисӣ ҳам маъмул аст. Аввалин луғати тоҷикӣ-англисиро номзади илми филология Г. Б. Баракаева дар 2 ҷилд таълиф кард, ки он соли 1968 ба табъ расид. Ин китоб ҳудуди 10 ҳазор калимаро дар бар мегирад. Фарҳанги нисбатан комилтари тоҷикӣ-англисӣ “Standard TajikEnglish Dictionary” бошад, соли 2001 дар Бишкек аз ҷониби Рондал ва Рошел Олсонҳо нашр шуд. Ин муаллифон, ки кормандони созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон буданд, беш аз 10 ҳазор калимаи тоҷикиро ба инглисӣ шарҳ додаанд. Соли 2005 бошад, нашриёти Dunwoody Press-и ИМА фарҳанги калонҳаҷми тоҷикӣ-инглисро таҳти унвони Tajik-English Dictionary нашр кард, ки зиёда аз 29 ҳазор вожаро дар бар мегирад. Дар ин фарҳанг, ки барои инглисзабонҳое, ки майли омӯхтани забони тоҷикиро доранд, пешбинӣ шудааст, бештар калимаву вожаҳои роиҷ дар забони зиндаи мардум ва ВАО шарҳ ёфтааст.

Аз соли 2008 фарҳанги нисбатан калонҳаҷми тоҷикӣ ба инглисии профессор Парвона Ҷамшедов таҳия ва ду маротиба нашр гардид.

Таълиф ва нашри чунин фарҳангҳои дузабона далели он аст, ки дар кишвари мо таваҷҷуҳ ба омӯхтани забони инглисӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Ҳамчунин, маълум мешавад, ки инглисзабонҳо низ ба омӯхтани забони мо майл доранд.

Ниҳоят, охири соли 2022 калонтарин Фарҳанги муосири инглисӣ-тоҷикӣ нашр шуд, ки 160 ҳазор калимаву ибораро дар бар гирифтааст. Муаллифи ин китоб Озар Саидов - хатмкардаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва донандаи забони инглисӣ аст. Солҳо дар созмонҳои байналмилалӣ кор кардааст. Ӯ мегӯяд, ки ин китобро барои фарзандонаш ва дар симои онҳо ба насли наврасу ҷавони кишвар бахшидааст.

“Солҳои 1997-2002 дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон таҳсил мекардам. Тӯли солҳои донишҷӯӣ, ки дар ҷустуҷӯи маънии калимае ё ифодае рӯ ба фарҳангҳову луғатномаҳои русӣ меовардам ва аз набудани фарҳангҳои инглисӣ-тоҷикӣ ё нигоштаҳои ноқису мухтасар, ки маънову муодили равшани калимаву ифодаҳоро аз инглисӣ ба тоҷикӣ дар пешорӯи зеҳни хонанда бедор намекард, дар чорроҳаи тааммуқ худ бо худ мемондаму меандешидам, ки боя̆д коре дар ин масир анҷом ёбад. Он солҳо аз сабаби набудани луғатҳои инглисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-инглисӣ забони мутавассита барои омӯхтани забони инглисӣ русӣ буд, ки на ҳама онро балад буданд. Билохира, бисёриҳо на русиро меомӯхтанду на инглисиро”,- мегӯяд муаллифи китоб.




Озар Саидов ҳанӯз дар замони донишҷӯйӣ дар кори фарҳангнависӣ таҷриба пайдо карда буд, зеро дар таҳияи як фарҳанги тоҷикӣ-инглисӣ ширкат дошт.

“Дар соли чоруми таҳсил аз ҷониби Институти забонҳои каммаъмули дунё̆, ки қароргоҳаш дар Вашингтон аст, пешниҳод шуд, ки дар тартиб додани як луғат ширкат дошта бошам. Вазифаи ман ин буд, ки калимаву ибораҳои роиҷ дар забони матбуот ва телевизиону радиоро интихоб ва ба инглисӣ тарҷума кунам. Ин кор барои ман таҷриба буд”,- мегӯяд Озар Саидов.

Барои таълифи Фарҳанги муосири инглисӣ-тоҷикии Озар Саидов беш аз 20 соли умри муаллиф сарф шудааст. Худаш мегӯяд: “Таълифи фарҳангро банда моҳи январи соли 2001 оғоз карда, соли 2022 хатм кардам. Асосан, дар лаҳзаҳои фориғ аз кор фароғатам ҳамин буд, ки барои бозтоби маънои муодили калимае ё иборае аз забони инглисӣ ба забони модарӣ навишту бардоште рӯи коғаз мегузоштам. Баъд аз солиёни зиёд самари ин шӯру шавқ ба як чизи воқеан чашмгире табдил ёфт”.

- Фарҳанги шумо аз фарҳангҳои пешин чӣ бартарӣ дорад?,- мепурсам аз Озар Саидов.

- Аввал ин ки, фарогири 160 ҳазор калима аст, яъне дар ҳоли ҳозир калонтарин фарҳанги инглисӣ-тоҷикист. Дуюм, муродифоти мухталифи як калима ва маъноҳои гуногуни як вожаро дар бар мегирад. Барои мисол ҳаст калимаҳое, ки то 30-40 маъно доранд. Сеюм, дар таълифи ин китоб ба забони инглисии давраи нав такя шудааст. Яъне барои имрӯзиён муфид мебошад”,- мегӯяд номбурда.

Озар Саидов мегӯяд, ки бо таълифи ин китоб исбот кардан мехоҳад, ки забони тоҷикӣ забони тавоност: “Ман ба ин васила ба русгароён ва ғарбгароён нишон доданӣ шудам, ки забони мо бойтарин ва шевотарин аст. Имкон дорад, ки бо ин забон ҳам техникаву технологияи навро омӯхт ва ҳам илмҳои муосирро фаро гирифт”.

Нашри “Фарҳанги муосири инглисӣ-тоҷикӣ”-ро метавон дастоварди муҳими фарҳангнигорӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ кард. Вале афсӯс, ки то ба имрӯз мутахассисони соҳа ба ин кори нодир ва пурарзиш таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд. Ҳол он ки, муаллиф мегӯяд, интизор дошт, ки мутахассисон фикру мулоҳизаҳои хешро доир ба ҳусну қубҳи китоб баён хоҳанд кард.

**Одил НОЗИР**

## Мавлудномa

**• 5 ОКТЯБР •**

**Раҳим Ҳошим** (1908-1993), 115-солагии зодрӯзи адабиётшинос, мутарҷим, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Мансур Муллоев** (1923-1998), 100-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Саидқул Билолов** (1953), 70-солагии зодрӯзи сароянда, оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**• 6 ОКТЯБР •**

**Владимир Лившитс** (1923-2017), 100-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Яков Нагибин** (1898-1981), 125-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**Файзимади Назар** (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

**Фотима Сӯфихонова** (1928), 95-солагии зодрӯзи кирмакпарвар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Шарафбону Турдиева** (1938-2000), 85-солагии зодрӯзи актрисаи балет, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 7 ОКТЯБР •**

**Миратулло Атоев** (1938-1994), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Ҳукуматшо Бандишоев** (1928-2013), 95-солагии зодрӯзи оҳангсоз, мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Шариф Муҳаммадҷонов** (1938), 85-солагии зодрӯзи мухбир-суратгир.

**Ғафур Ҳакимов** (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**• 8 ОКТЯБР •**

**Музаффарбек Аноятбеков** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ.

**Пӯлод Атоев** (1923), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Муҳараммаи Сорбонзод** (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

**Гулнора Чоршанбиева** (1948), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театр.

**Аминҷон Шукурзода** (1933-2006), 90-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим.

**• 9 ОКТЯБР •**

**Нуриддин Насимов** (1958), 65-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Тӯхтамет Тӯхтаметов** (1918-1997), 105-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**• 10 ОКТЯБР •**

**Сафарбек Қосимов** (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҳабиб Мадиев** (1933), 90-солагии зодрӯзи сароянди опера.

**Давлат Мамадризобеков** (1938), 85-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Самад Мансуров** (1968), 55-солагии зодрӯзи актёри театру кино.

**Камолиддин Салоҳиддинов** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Ғайбулло Ҳалимов** (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Мирзоватан Ҳасаналиев** (1948-2007), 75-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**• 11 ОКТЯБР •**

Ғафур Расулов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Тоҷиниссо Саидова (1953), 70-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

# Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1167439 ба номи Дадабаев Анвар Илҳомҷонович, соли хатм 22.06.2023, ки аз ҷониби МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1167443 ба номи Каримов Илҳомҷон Валиевич, соли хатм 22.06.2023, ки аз ҷониби МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шаҳодатнома ба номи Зуҳуров Давлатҷон Давлатбекович, ки соли 05.11.2022 аз Шуъбаи хадамоти давлатии муҳофизати ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ, ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлии гумшуда бо суроғаи кӯчаи Гипрозем, хонаи 32, ҳ. 1. дар асоси шартномаи ҳадяи квартира, ки аз санаи 24.02.2023 таҳти рақами 106.28. ба шаҳрванд Миров Саламшох Манзаршоевич тааллуқ дорад, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Билети донишҷӯ Д21730 ба номи Файзуллоев Абдулло Шарофиддинович, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи аграрӣ ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 А1175107 ба номи Орзуева Собирамох Муқимовна, соли хатм июни 2021, ки аз ҷониби Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсус дар шаҳри Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Вайсов Ширинҷон Сафархонович, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Достиев Муҳаммад Зафарович, ки соли 2020 аз ҷониби Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дарачаи АN№014544 ба номи ҶСШК "Медтехсервис", ки аз 7-уми майи соли 2003, №17047, аз ҷониби Кумитаи замини ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии А01680215, 07.01.2019, ШММ Сомгор, ШВКД дар ноҳияи Б. Ғафуров ва шиносномаи хориҷии 404058786, ки санаи 16.06.2022 аз ҷониби ХШБ ВКД Тоҷикистон ба номи Ҳакимов Абдуфаттоҳ Абдулатифович дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шаванд.

► Билети донишҷӯ Г20359, ба номи Ҳакимов Абдуфаттоҳ Абдулатифович, ки санаи 14-уми августи соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии шаҳрванд Хусенов Бахридин Абдужаборович, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш, бинои 24, ҳуҷ. 49, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №2022110059 ба номи Ҳаитзода Файзали Камолхуҷа, ки аз тарафи ФКВД-и Маркази таълимии омӯзиши модулии ш. Душанбе, дар ноҳияи Рӯдакӣ бо ихтисоси "Кафшергари барқӣ", рақами қайд №0677, дар таърихи 06.05.2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Аслонов Шероз Илҳомович, РЯМ: 0230095782, РМА: 625116204, ки дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Эълони нашршуда дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №35 (1546), санаи 30.08.2023 оид ба гум шудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин аз сехи қаннодӣ ва макаронбарорӣ, дарачаи А022538 аз 24-уми декабри соли 2007 ва шиносномаи техникӣ таҳти реестри №80 ба номи Тошев Мунир Умрибоевич, бо суроғаи ноҳияи Айнӣ, деҳаи Урметан, бе рақам, 8-уми феврали соли 2008, беэътибор дониста шавад.

► Эълони нашршуда дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №35 (1546), санаи 30.08.2023 оид ба гум шудани шиносномаи шаҳрвандии 400398883, 09.12.2014 ХШБ ВКД Тоҷикистон ва ҳуҷҷати ронандагии АА1309701 аз 26.07.2022 ШББИ №1 ШБИ РБДА ВКД ҶТ, ба номи Тошев Шохрух Мунирович беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, №1580 аз 11.07.2018 ба номи Раупов Тағоймурод Холмаҳмадович, ки аз тарафи КДФ "БММҒ" дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 ТАТ №0585157 ба номи Охунова Милана Суҳробовна, соли хатм 2016-2017, ки аз ҷониби МТМУ №66-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои хоҷагии деҳқонӣ ба номи Абсамадова Сафармо "Чор Ёр", РЯМ: 3330030074, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Ҳуҷҷатҳои Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби "Гулистон С", РЯМ: 3310010129, РМА: 330014017, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Ҳуҷҷатҳои Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби "Тошробод", РЯМ: 3310005866, РМА: 330008098, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Халимова Зулфия Хамидовна, РЯМ: 0730204750, РМА: 076873594, аз 18.08.2020, ки дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии Дустлик 2013 ба номи Халимова Зулфия Хамидовна, РЯМ: 0730204750, РМА: 076873594, аз 18.08.2020, ки дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0197758 ба номи Зарина Файзуллозода, 16.08.2008, ки аз ҷониби МТМУ №25-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши бино бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Раҳмон Набиев 244 ба номи шаҳрванд Султонов Амирчон Файзалиевич дар асоси шартномаи хариду фурӯши биноҳои ҶСШК "МЕДТЕХСЕРВИС", ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Сино аз 23.01.2019 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-2152 аз 26.11.2018, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Шарипова Аниса Азимовна бо суроғаи ш. Душанбе, 1-ум гузаргоҳи кӯчаи Чкалов, хонаи 18 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 3 Д-3-111 аз 18.10.1988, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода ба номи Оманов Абдураҳман бо суроғаи ш. Турсунзода, кӯчаи Жданова, хонаи 31 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти 1Ш-748 аз 27.07.2017, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Саидова Фируза Ғаибуллоевна бо суроғаи ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, хонаи 171, квартираи 33 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Давлатова Меҳрангез Зоировна, №0470549, РЯМ: 0331439066, РМА: 047002680, санаи судур 29.06.2021, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.


## ДАЪВАТ БА ОЗМУН

Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика" бо дастгирии Созмони Умумичаҳонии Тандурустӣ барои гузаронидани чорабиниҳои рӯзҳои иммунизатсияи оммавӣ бар зидди сирояти пневмакоккӣ оид ба харидории маводҳои дарси, доруворӣ, сузишворӣ, чопкунӣ, таъмин намудан бо танаффуси қаҳванӯшӣ ва хуроки нисфирӯзӣ пешбинӣ гардидааст. Ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ довталабонро даъват менамояд.

Довталабон метавонанд маълумоти пурраро тавассути сомонаи Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика" **(https://immunizatsia.tj)**, кӯчаи Шероз-8 ё бо рақами телефонии **227-71-92** дастрас намоянд.

Барои иштирок дар озмун довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

1. Шаҳодатнома.
2. Иқтибос
3. Пешниҳоди тендерӣ, муҳлати молрасонӣ ва иҷрои кор;
4. Нусхаи иҷозатномаҳо барои амалисозии навъҳои фаъолият;
5. Маълумотномаи нозироти андози макони қайди иштирокчии тендер, ки набудани қарзҳои ба таъхирмондаро оид ба пардохтҳо ба буҷетҳои ҳамаи сатҳ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ тасдиқ мекунад ва на дертар аз 3 моҳ то ба охиррасии мӯҳлати додани дархост барои иштирок дар тендери мазкур дода шудааст.

Дархостҳо дар лифофаҳои муҳргузошта то санаи 09 октябри соли 2023 ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз-8 пешниҳод карда шаванд.

**ОЗМУН САНАИ 10 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 СОАТИ 9:00 ДАР ТОЛОРИ МАҶЛИСГОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИММУНОПРОФИЛАКТИКА" БАРГУЗОР МЕГАРДАД.**



## ЭЪЛОН!

ҶДММ ТАҚҲ «Сарват» барои натиҷабардории фаъолияти ТАҚҲ барои соли 2022 аудитори берунаро ҷалб менамояд. Ба мо намудҳои зерини гузаронидани аудит зарур аст:

- Аудити молиявӣ:
- Аудити амалиётӣ:
- Аудити системаҳои назорати дохилӣ:

**Барои гирифтани маълумоти иловаги ба рақамҳои +992 44 600 61 66 ё суроғаи электронии info@sarvat.tj дар тамос бароед.**



## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Programme Analyst - Governance (Job ID: 12867 /FTA-NOA); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 9 October 2023 NY time (or 10 October 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Programme Specialist – Environment/Climate Change/Energy (Job ID: 11405 /FTA-NOC); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 9 October 2023 NY time (or 10 October 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Administrative Associate (Job ID: 13884 /FTA- G7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 9 October 2023 NY time (or 10 October 2023, 08:59 AM TJK time)**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

БОЗИҲОИ ОСИЁ

# МЕДАЛИ ТИЛЛОИ ДУЮМИ ТОҶИКИСТОН АЗ БОЗИҲОИ ОСИЁ-2022 ВА РОҲҲАТИ ОЛИМПӢ

**Муштзани тоҷик Давлат Болтаев дар Бозиҳои Осиё-2022 бо пирӯзӣ дар даври ниҳоӣ соҳиби медали тилло ва роҳҳат ба Бозиҳои олимпии Порис-2024 шуд.**

Варзишгари тоҷик даври якум бар Арсланбек Очилови туркман, дар даври чаҳорякниҳоӣ бар Эркин Одилбек Уулуи қирғиз ва дар даври нимниҳоӣ бар Ҷаеминг Ҷионг аз Кореяи Ҷанубӣ пирӯз шуда, ба даври ниҳоӣ баромад.

Муштзани сангинвазн Давлат Болтаев дар даври ниҳоии вазни 92 кг бар муштзани мизбон Ҳан Хуежан бо қарори якдилонаи доварон бо ҳисоби 3:2 дар як рақобати ҳассос ва душвор музаффарият ба даст оварда ва нишони заррини мусобиқаро ба гардан овехт. Бо ин дастоварди шоён Болтаев исмашро дар таърихи бокси кишвар ҳаккокӣ кард. Ҳамчунин, Давлат Болтаев бо муштзани дигари тоҷик Мичгона Самадова роҳҳати Бозиҳои тобистонаи Олимпии Порис-2024-ро ҳам ба даст оварданд.

Ин нишони дуюми тиллои Тоҷикистон аз Бозиҳои 19-уми Осиё ва медали шашуми дастаи мунтахаби кишвар аз ин мусобиқа аст.



ЛИГАИ ҚАҲРАМОНҲО

# «ИСТИҚЛОЛ» АЗ «АЛ-НАСР» ШИКАСТ ХЎРД



**Дастаи қаҳрамони футболи Тоҷикистон «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе дар даври дуюми марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои AFC-2023/24 дар гурӯҳи «E» дар меҳмонӣ бо бошгоҳи «Ал-Наср»-и Арабистони Саудӣ бозии шоиста нишон дод.**

Футболбозони «Истиқлол» аввалин шуда ба пеш баромаданд. Дар дақиқаи 44-ум легионери «Истиқлол» Сенин Себай дарвозаи арабҳоро рахна кард. То дақиқаи 66-ум душанбегиҳо бо ҳамин ҳисоб дар пеш буданд, аммо Криштиану Роналдуи португалӣ ҳисобро баробар кард. Сипас, Андерсон Талиска дубл кард ва «Ал-Наср» бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуд.

Дар бозии дигари ҳамин гурӯҳ дастаи «Персеполис»-и Эрон дар сафар бар дастаи «Ал-Духайл»-и Қатар бо ҳисоби 1:0 ғалаба кард.

«Истиқлол» дар даври сеюми марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои Осиё-2023/24 дар меҳмонӣ бо «Персеполис»-и Эрон бозӣ мекунад. Ин бозӣ рӯзи 24-уми октябр дар Теҳрон баргузор мешавад.


КУРАШ

# БОЗ ДУ МЕДАЛИ ДИГАРИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОНГЖУИ ЧИН

**Паҳлавони тоҷик Хайрандеш Муродзода дар рӯзи ҳафтуми Бозиҳои Осиёии Ҳангжоу-2022 барои Тоҷикистон медали чорумро ба даст оварда. Ин аввалин медали Тоҷикистон аз куштии кураш дар Бозиҳои Осиёии Ҳангжоу-2022 ба ҳисоб меравад.**

Хайрандеш Муродзода зери вазни то 66 кг баромад карда, дар даври аввал бар Ҷое Ҳеддад аз Лубнон пирӯз шуд. Пас аз ин ғалаба Хайрандеш роҳҳати даври чаҳорякниҳоиро соҳиб шуда, дар ин марҳила бар паҳлавони пурқуввати муғул Энхболд Энхтайван дастболо гардид.

Дар даври ниманиҳоӣ Хайрандеш Муродзода бо Мачид Воҳид Бариманлу аз Эрон қувваозмоӣ карда, мувоҷеҳи шикаст шуд ва ба гирифтани нишони биринчӣ иктифо кард. Ин нишони дуюми биринчии Тоҷикистон дар Бозиҳои Осиёии Ҳангжоу-2022 аст.



ЛИГАИ ҚАҲРАМОНҲО

# МАРҲИЛАИ ИНТИХОБИИ ҶОМИ ОСИЁ-2024 ДАР ДУШАНБЕ




**Рӯзи 7-уми октябр дар шаҳри Душанбе марҳилаи интихобии Ҷоми футзали Осиё-2024 дар гурӯҳи «E» оғоз мешавад. Дастаҳои Тоҷикистон, Мянмар, Фаластин ва Ҳиндустон барои роҳҳати қисми ниҳоии қаҳрамонии Осиё мубориза мебаранд.**

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар даври аввали марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2024 рӯзи 7-уми октябр бо тими Ҳиндустон бозӣ мекунад. Дастпарварони Пайрав Воҳидов 9-уми октябр дар даври дуюм бо футзалбозони Фаластин рақобат карда, дар даври ниҳоӣ, рӯзи 11-уми октябр бо тими Мянмар вомехӯранд.

Ғолибони ҳашт гурӯҳ, инчунин, ҳафт дастаи беҳтарини ҷойи дуюм ба қисми ниҳоии Ҷоми футзали Осиё-2024, ки аз 15 то 26-уми апрели соли оянда дар Тайланд баргузор мешавад, роҳ меёбанд.

## РЕЗААХБОР

Аз 4 то 7-уми октябр дар Одивелоси Португалия дар доираи «World Judo Tour» Чемпионати ҷаҳон байни ҷавонон баргузор мешавад, ки дар он 9 варзишгари тоҷик ширкат мекунанд. Инҳо Фазлиддин Садриддинзода (-66 кг), Абубакр Шеров (73 кг), Муҳиддин Асадуллоев (73кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилов (81 кг), Сайфидин Сайфидинзода (81 кг), Сомонӣ Кишваров (90 кг), Умедҷон Рачабов (90 кг), Парвиз Абдураҳмонов (100 кг) ва Иброҳимҷон Элмуродов (100 кг) ҳастанд.

***

Аз 3 то 8-уми октябр дар Белорус Мусобиқаи байналмилалии рушди UEFA баргузор мешавад, ки дар он дастаи мунтахаби футболи наврасони то 15-солаи Тоҷикистон бо роҳбарии сармураббӣ Далер Каёсов иштирок мекунад. Наврасони Тоҷикистон бо дастаҳои мунтахаби наврасони Русия бозиро бо ҳисоби 0:4 бохтанд, акнун, бо Белорус (5-уми октябр) ва Қирғизистон (8-уми октябр) бозӣ хоҳанд кард.

***

Дар рӯзи 11-уми Бозиҳои осиёии Ҳонгжу-2022 рақобатҳо аз риштаи куштии юнону румӣ оғоз шуданд. Паҳлавони тоҷик дар вазни 67 кг Фирӯз Мирзорачабов бо ҳисоби 10-0 аз Катсуаки Эндои ҷопонӣ шикаст хӯрд. Дар вазни 60 кг Асламҷон Азизов бо ҳисоби 8-5 аз қаҳрамони ҷаҳон Шаршанбеков Жоламани қирғиз мағлуб шуд. Дар вазни 87 кг Суҳроб Абдулҳаев бо ҳисоби 9-1 аз Сунил Кумари ҳиндӣ мувоҷеҳи шикаст шуд.

***

Навраси тоҷик Сомон Турсунзода дар мусобиқаи «Shanghai Jiu-Jitsu Elite Championship-2023» дар шаҳри Шанхайи Чин соҳиби медали тилло шуд. Ин мусобиқа дар намуди ҷудо ва ҷиу-ҷитсу-грэпплинг баргузор шуд, ки дар он варзишгари навраси тоҷик Сомон Турсунзода дар вазни то 30 кг иштирок карда, пирӯз шуд. Сомон ду рақиби худро аз Чин мағлуб карда, медали тиллои мусобиқаро соҳиб шуд.



### Адолат

Ронандаи автобус ва мулло дар як рӯз мефавтанд. Ронанда ба биҳишт мераваду мулло ба дӯзах. Мулло аз чунин ранг гирифтани ҳол музтар гардида, аз Худованд адолат талаб мекунад:

- Худовандо, ман тамоми умр аз фармудаҳои ту берун набудам, ҳамеша амри маъруф мекардам, чаро маро ба дӯзах фиристодиву як майхораро ба биҳишт?

Худованд:

- Барои он ки амри маъруфи туро касе гӯш намекард, вале ҳангоми автобус рондани ин ронанда тамоми мусофирон маро ба ёд меоварданд.

### Камарбанди сиёҳ

Марде рафиқашро мебинад, ки сиёҳу кабуд ва дасташ шикаста аст.

- Карокатулло, туро кӣ зад?

- Дишаб ба ман ду бузбала ҳуҷум карданд.

Рафиқаш мегӯяд:

- Охир, ту камарбанди сиёҳи каратэ дорӣ ку!

Карокатулло:

- Шаб торик буд, онҳо надиданд.

### Арақ

Дар як шабнишинӣ:

- Султон, ту чӣ менушӣ? Май ё арақ?

Султон:

- Ба ман май рез!

- Сурхашро ё сафедашро?

- Сафедашро.

- Итолиёвӣ ё гурҷӣ?

Султон:

- Итолиёвӣ.

- Ширинашро ё пуркуввашро?

Султон:

- Э аблах, ба ман арақ рехтан гир!

### Намоз

Як шиноси Мушфиқӣ, ки одами сарватманд буд, бемор шуд. Мушфиқӣ беморбинӣ рафт. Шиносаш ба ӯ панҷоҳ танга доду гуфт:

- Чун ман беморам, наметавонам намоз бихонам. Ҳар рӯз панҷ вақт намозатонро ду карат хонеду як карашро ба ман бубахшед.

Мушфиқӣ бист тангаро гардонда доду узр пурсид:

- Хобам сахт, барои намози бомдод хеста наметавонам, хуфтан нарасида, хобам мебарад, барои се вақт намоз сӣ тангаатон кофист.

### Шутур

Марде камтар пул пасандоз карду дар куҷо пинҳон карданашро надониста, ба халтачае андохта, ба дарахт баромада, ба шохи аз ҳама баланд овехт.

Як шахси аз ин воқеа хабардор пулро гирифту ба ҷояш саргини шутур андохта монд.

Баъди чанд рӯз ба мард пул лозим шуд, баромада халтачаро гирифта диду ҳайрон шуда, гуфт:

- Ачабо, ба ин дарахт одам базӯр мебарояду шутур чӣ хел баромада бошад?

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**




## Сканворд




### Ман муаллимам

Бо муаллиме ба сайри бозор баромадам. Вақте аз растаи моҳифурӯшон мегузаштем, моҳиҳои гуногунро нишон дода, гуфтам:

- Биё, яккилогӣ моҳӣ мегирем.

Гуфт:

- Не, ман умуман моҳӣ истеъмол намекунам.

- Дар растаи дигар гӯшти мурғ ва анвои гуногуни мурғиро нишон дода, гуфтам:

- Шояд мурғ мегирем?

- Не, не,- гуфт бо қатъият.- Ман гӯшти мурғ ҳам намехӯрам.

- Шояд шумо бартариятро ба гӯшти гов ё гӯсфанд медиҳед?,- гуфтам растаи гӯштфурӯшонро нишон дода.

Бе ҳеҷ андешае гуфт:

- Худо паноҳ дихад!

- Шумо на моҳӣ мехӯред, на мурғ ва на гӯшт,- гуфтам бо таҳайюр.-Шояд ёга машқ мекунед ё чун вегетериансҳо аз маҳсулоти гӯштӣ парҳез мекунед?

- Не, ман муаллимам,- гуфт бо оромӣ.

- Магар муаллимон моҳӣ, мурғ ва ё гӯшт истеъмол намекунанд?,-пурсидам бо кунҷковӣ?

- Бале,- гуфт ӯ,- мо намехӯрем. Чунки вақти таъини маоши муаллимон ин чизҳо ба инобат гирифта нашудаанд.

### Хона ба муаллим - дар охират?

Ба зиёрати муаллиме рафтем, ки нав ба нафақа баромада буд, вале хеле бемору ранҷур ба назар мерасид. Баъди ҳолпурсӣ гуфтам:

- Устод, чаро ин қадар руҳафтодаед? Баръакс хурсанд шавед, ки ба нафақа баромадеду акнун давлати пирӣ меронед.

- Ҳама умрамро сарфи мактаб кардам, ақаллан як дар хона надоданд, ки мурдаам аз хонаи худам барояд,- гуфт ӯ.

- Маоши муаллимиро захира карда, ягон хона нахаридед?,- пурсидам ин бор.

- Маоши муаллим ба зиндагии ҳаррӯзаам намерасид, ман чӣ тавр онро захира карда, хона мехаридам?,- гуфт бо овози афсурда.

Яке аз ҳамкорони ӯ, ки ҳамроҳи ман омада буд, руҳияи муаллимро бардоштанӣ шуда, бо шӯхӣ гуфт:

- Парво накун, ҷӯра, хонаро дар ин дунё надоданд, ҳатман дар охират медиҳанд. Акнун хонаи охирататро обод мекунӣ.

- Не, не. Хобатро ба об гӯй,- гуфт ноумедона.- Ба фикрам дар он дунё ҳам ба мо хона намедиҳанд?

- Чаро намедодаанд?,- ҳайрон шуда пурсидам.

- Бо ин қадар заҳмат дар ин дунё соҳиби хона нашудем,- гуфт оби чашмашро пок карда,- магар бе ҳеҷ хизмате дар охират ба мо хона медиҳанд?

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**